آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози Тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

13 январи соли 2021. Чоршанбе № 4 (14705)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

НАТИҶАИ КОРҲОИ ИҶРОШУДА ҚАМЪБАСТ ВА ВАЗИФАҲОИ НАВИ СОҲАИ ТАРАҚҚИЁТИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ МУАЙЯН ШУДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 12 январ дар арафаи рӯйдоди муҳими ҳаёти мамлакатамон – 29-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан аз Академияи Қувваҳои Мусаллаҳ боздид ба амал овард.

Роҳбари давлат бо натиҷаи корҳои анҷомёфта дар бахши такмили фаъолият ва объектҳои инфрасохтори муассисаи таълимии мазкур, инчунин намунаҳои силоҳ ва техникаи ҳарбии замонавии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ва маҳсулоти корхонаҳои ватании саноати мудофиавӣ шинос гардид.

Пас аз он дар академия зери раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳ ҷамъомади васеи Шӯрои бехатарӣ, бахшида ба ҷамъбасти фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳ ва секторҳои ҳарбиву маъмурӣ дар соли 2020 ва вазифаҳои муҳими оянда, баргузор гардид.

Дар ҷамъомад аъзои Шӯрои бехатарӣ, таркиби роҳбарикунанда ва қумондонии Қувваҳои Мусаллаҳ, роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок намуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев натиҷаи корҳои анҷомёфтаро дар заминаи минбаъд баланд бардоштани қудрати мудофиавии мамлакатамон, андешидани чорабиниҳо доир ба тараққиёти Қувваҳои Мусаллаҳ аз ҳар ҷиҳат таҳлил намуд. Ба фаъолияти вазорат ва идораҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо дар ин самт баҳои танқидӣ дода шуд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки дар асоси Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти муҳими рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 чандин қарор бо назардошти тақозои вақт аз рӯйи тамоми соҳаҳои мамлакат, аз он ҷумла доир ба масъалаҳои муҳими сохтмони ҳарбӣ қабул гардида буданд, дар натиҷаи чорабиниҳои стратегӣ ва маҷмӯии ба низом татбиқгардида дар муддати кӯтоҳ омодагии армияи миллӣ ва қудрати мудофиавии мамлакат умуман ба таври назаррас боло рафт.

Дар ҷамъомад Президент доир ба минбаъд инкишоф додани Қувваҳои Мусаллаҳ ва мустаҳкамсозии қудрати мудофиавии давлат, зимни ин васеъ татбиқ намудани технологияи замонавии иттилоотиву коммуникатсионӣ ва инноватсия вазифаҳои муҳим гузошт.

Аз он ҷумла яке аз вазифаҳои муҳими оянда такомули фаъолияти мақомоти қумондонӣ ва идораи тамоми дараҷаҳо, баланд бардоштани қудрати оперативӣ ва омодагии ҳарбии қӯшунҳо аз тариқи ба онҳо татбиқ намудани восита ва маҷмӯъҳои идорасозии автоматиконидашуда, таъмини иттилоотӣ ва кибербехатарӣ дониста шуд.

Дар қисмати тарбияи кадрҳои ҳарбӣ, баланд бардоштани малакаи онҳо ва ҳамчунин рушди илми ҳарбӣ аз ҷониби Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳ вазифа дар заминаи минбаъд такмил додани усул ва роҳҳои омодасозии қӯшунҳо ба василаи амиқ омӯхтани таҷрибаи муноқишаҳои ҳарбӣ ва таҷрибаи замонавии пеш бурдани амалиёти ҳарбӣ ва ҳамчунин таъриҳи санъати ҷангии миллӣ вазифа гузошта шуд.

Аҳамияти муттасил идома додани ислоҳоти шурӯъгардида дар низоми таълими ҳарбӣ, такомули фаъолияти омӯзишгоҳ, литсей ва коллеҷҳои ҳарбӣ, аз он ҷумла литсейҳои ҳарбиву академии «Мактаби темурбекҳо», дар ҷавонони толибилми онҳо пурзӯр намудани ифтихори миллӣ, муҳаббат ва садоқат ба Ватан, адолат, зимни он васеъ истифода намудани мероси ғании ниёгони бузургамон, аз ҷумлаи санъати лашкаркашии Ҷалолиддини Мангубердӣ, Амир Темур, Шоҳрух Мирзо, Заҳириддин Муҳаммад Бобур ва ғайра таъкид ёфт.

Инчунин дар бобати ба марказҳои илмӣ табдил додани Боғи Ғалаба ва Музейи шараф дар шаҳри Тошканд супориш дода шуд, ки дар он маконҳо аҳолӣ, хусусан ҷавонон, хидматчиёни ҳарбӣ бо таъриҳи ҳарбӣ ва ҷасорати гузаштагони бузург қаробат пайдо мекунанд.

Дар шароити дар фазои ҷаҳонии иттилоотӣ пурзӯр гардидани муқобилат, шиддат гирифтани мубориза барои шууру афкори одамон, хусусан насли ҷавон, мақом ва аҳамияти тарбияи ҳарбиву ватанпарварӣ торафт меафзояд.

Бинобар ин, роҳбари давлат дар бобати такомули низоми тарбияи ҳарбиву ватанпарварии аҳолӣ, дар навбати аввал ҷавонон, ҷалб намудани онҳо ба ҷараёни ислоҳоти мамлакатамон, ба вуҷуд овардани шароит барои татбиқи потенсиали интеллектуалӣ ва эҷодиашон супоришҳо дод. Дар бобати боло бурдани кор доир ба тарбияи ҳарбиву ватанпарварии аҳолӣ ва ҷавонон ба дараҷаи нав, мустаҳкамсозии мавқеи шаҳрвандӣ зери шиори «Ҷанговари шуҷоъ – намуна барои ҷавонон», ба қумондонии округҳои ҳарбӣ вобаста намудани на камтар аз 10 мактаб бо дар онҳо баргузор намудани дарсҳои ватанпарварӣ ва шуҳрати ҳарбӣ аз ҷониби қумондонҳои қисмҳои ҳарбӣ вазифа гузошта шуд.

Бо истифода аз инфрасохтори замонавӣ, ки дар Қувваҳои Мусаллаҳ ба вуҷуд оварда шудааст, нафақат тарбияи ҳарбиву ватанпарварии ҷавонон, балки онҳоро ба касбҳои дархури бозор таълим додан супурда шуд.

Роҳбари давлат инчунин таъкид кард, «давлате, ки фарзандони худро дар рӯҳи баланди ватанпарварӣ тарбия карда наметавонад, новобаста аз он ки дорои чӣ гуна яроқи пурқудрат аст, қудрати мудофиавии худро мустаҳкам карда наметавонад».

Ғайр аз ин дар ҷамъомад супоришҳои ногузир доир ба инкишофи минбаъдаи саноати мудофиавии мамлакат, такомули низоми ҳимояи сарҳадоти давлатӣ, мониторинг ва пешгӯии вазъиятҳои фавқулодда, баланд бардоштани самаранокии кор дар заминаи бартарафсозии садамот ва фоҷиаҳои техноген дода шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев таъкид кард, ки беҳ гардидани вазъияти маънавиву ахлоқӣ дар хонаводаҳои хидматчиёни ҳарбӣ, татбиқи бархурдҳои намунавӣ барои таҳкими тарзи солими ҳаёт ва тарбияи фарзандон, дастгирии иҷтимоӣ ва бо хона таъмин намудани хидматчиёни ҳарбӣ ва хонаводаҳои онҳо аз самти муҳим ва бартаринок боқӣ мемонад.

Дар поёни ҷамъомад роҳбари давлат таъкид кард, ки кор дар бобати инкишофи минбаъдаи Қувваҳои Мусаллаҳ, таъмини бехатарӣ, ҳаёти ором ва осудаи халқамон, сохтмони Ӯзбекистони нав шарти асосӣ ба шумор меравад.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Мушовири Президенти Ӯзбекистон Сума Чакрабарти:

Муроҷиатномаи сарвари давлат ба Олий Маҷлис дар бораи самти пешрафти мамлакат тасаввуроти возеҳ медиҳад

Мушовири Президенти Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои рушди иқтисодӣ, идораи самарабахш ва ҳамкориҳои байналхалқӣ, собиқ президенти Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо (БТТА) Сума Чакрабарти Муроҷиатномаи роҳбари давлати моро ба Олий Маҷлис ташреҳ дод.

Дар гузоришаш ба АИ «Дунё» вай таъкид намуд, ки ин Муроҷиатнома аҳамияти бағоят бузург дорад, зеро нутқи барномавӣ буда, роҳи рушди минбаъдаи Ӯзбекистони навро муайян ва бо кадом самт рафтани кишварро равшан мушаххас менамояд.

– Ба фикри ман, дар суханронии Президент Шавкат Мирзиёев чаҳор мавзӯъ боиси эътибори махсус мебошад, – қайд мекунад Сума Чакрабарти. – **Якум**, Президенти Ӯзбекистон ба он ҷиҳат истинод кард, ки бобати таъмин сохтани ояндаи дурахшони ҳар кадом шаҳрванди кишвар, ба хусус ҷавонон, ба чӣ бояд эътибор дод. Ин, бешубҳа, ҷудо кардани сармояҳо барои таълим ва нигаҳдории тандурустӣ ба шумор меравад, ки баъд аз пандемияи коронавирус аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Дуюм, муҳимияти рушди иқтисодӣ, ки ба нақши асосии сектори хусусӣ ҳамчун муҳаррики пешбурди иқтисодиёт асос мекунад, таъкид гардид. Бинобар ин ҳам вай зарурати хусусигардонии ширкат ва бонкҳои давлатиро зикр сохт, ки нафақат ба аҳолии мамлакат, балки ба бозорҳои байналхалқӣ низ аз хусуси самти рушди сиёсати иқтисодии Ӯзбекистон дарак медиҳад. Инкишоф додани сектори хусусӣ танҳо мақсад нест, балки бо шуғл таъмин кардан, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ арзиши иловагиашон баланд ҳам мебошад, ки барои ҷавонон, ки ба бозори меҳнат ворид мешаванд, бағоят муҳим аст. Дар ҳаллу фасли мушкилоти бо шуғл таъмин кардан ҳам саҳми ширкатҳои бузург ва ҳам тичорати хурду миёна муҳим мебошад.

Мавзӯи сеюм, ки ман хеле муҳим меҳисобам, ин ислоҳсозии низоми идораи давлатӣ мебошад. Президент ба ҳокимиятҳои минтақавӣ, нафақат ба марказ – Тошканд, дар бораи зарурати беш аз пеш ба роҳ мондани хидмати самарабахши манфиатҳо ва эҳтиёҷоти аҳолӣ супоришҳои дақиқ дод. Бешубҳа, дигаргуниҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ бояд вазифаи асосӣ гарданд ва дар ояндаи наздиктарин ба ин соҳа эътибори бештар дода шавад.

Мавзӯи чаҳорум низ басо рӯзмарра мебошад. Президент дар бораи он ки давлат бояд бо аҳолӣ хеле бештар дар мулоқот бошад, ба фикру ақидаи мардум вобаста ба ҷараёнҳои дар мамлакат рухдодаистода эътибор диҳад, бисёр сухан гуфт. Ҳокимият бояд хубтар дарк намояд, ки одамон дар маҳалҳо чӣ мехоҳанд, то ки низоми давлатдориро бомуваффақият бозсозӣ кунад ва вазифаҳои пешгузошташударо ба манфиати халқ самарабахш татбиқ намояд.

Умуман, ман фикр мекунам, самтҳои бартаринокӣ зикршуда чӣ гуна ба роҳ мондани муносибати байни шаҳрванд ва давлатро дар Ӯзбекистони кунунӣ дақиқ намоиш медиҳанд.

АИ «Дунё»,

ЛОНДОН.

ФОРУМИ ТАЪРИХИЕ, КИ ҶАВОНОНРО РӮҲБАЛАНД МЕКУНАД

Дар дили ҳар як ҷавон аз овони бачагӣ ба ягон касбу ҳунар ё варзиш шавқ пайдо мешавад. Вале дар ҷодаи варзиш ба комёбиҳо ноил гардидан аз ҳар як варзишгар пайваста сайқал додани маҳоратро талаб мекунад.

Вақте камина ба маҳфили тенниси рӯйи мизи мактаббачагон ва наврасони рақами 6-уми ноҳияи Чуст рафтам, ҳамчун тарбиягари кӯдакистон будам.

Падарам Абдурашид Мадалиев, ки вазифаи омӯзгори тарбияи чисмонӣ ва варзишро дар ӯҳда дошт, маро ба мактаби номбурда ҳамроҳ бурд. Писарону духтарони синну солашон гуногун бо теннисбозӣ машғул буданд ва ман ба онҳо бо ҳавас нигоҳ мекардам. Орзу мекардам, ки ман ҳам дар сафи онҳо теннисбозӣ кунам.

Баробари ба синфи якуми мактаби таълими ҳамагонии рақами 69-уми ноҳия қабул шудан, ба маҳфили тенниси рӯйи миз аъзо шудам. Манро мураббиёни соҳибтаҷриба Музаффар Насриддинов ва Зокирҷон Олимовҳо қабул карданд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Президенти интихобшудаи Ҷумҳурии Қирғизистон мулоқоти телефонӣ анҷом дод

11 январ суҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти интихобшудаи Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров ба амал омад.

Дар ибтидои мулоқот роҳбари давлати мо Садир Ҷапаровро бо ғалабаи боварибахшаш дар интихоботи баргузоршудаи президентӣ, ҳамчунин бомуваффақият гузаштани раъйпурсӣ бинобар дохил кардани тағйирот ба Сарқонуни Қирғизистон самимона муборакбод кард.

Изҳор шуд, ки натиҷаҳои тадбири муҳимтарини сиёсӣ барои таъмин гардидани эътидол, беҳтар шудани некӯҳолии аҳолӣ ва рушди устувори мамлакат асосии мустаҳкам фароҳам меоваранд.

Дар навбати худ Садир Ҷапаров ба Президент ва халқи бисёрмиллати Ӯзбекистон барои кӯмак ба Қирғизистони бародарӣ бобати паси сар намудани оқибати хурӯҳҳои кунунӣ ва муборизаи ба муқобили паҳншавии коронавирус миннатдорӣ баён кард.

Дар ҷараёни суҳбати телефонӣ масъалаҳои рӯзмарраи дуҷониба ва ҳамкориҳои тарафайни минтақавӣ баррасӣ шуданд.

Таъкид гардид, ки соли равон бояд давраи таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ, некҳамсоягӣ, эътимод ва шарикии стратегии ӯзбекистониву қирғизистонӣ гардад, онҳоро бо мазмуни сифатан нав пурра кунад.

Муҳимияти амалан татбиқ кардани муоҳидаҳои пештар ба имзорасида бинобар амиқсозии ҳамкории бисёрҷанбаи Ӯзбекистон ва Қирғизистон махсус зикр шуд.

Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи натиҷабахшии кори муштарак оид ба марзбандии сарҳадҳои давлатӣ, зиёд кардани ҳаҷми мубодилаи мол, пурзӯр намудани кооператсия дар саноат, энергетика ва хоҷагии қишлоқ, вусъат додани робитаҳои байниминтақавӣ ва мубодилаи инсонпарварона, амалан татбиқ намудани лоиҳаҳои минтақавӣ доир ба рушди коммуникатсияҳои самарабахши нақлиётӣ ва ҷиҳатҳои дигар меравад.

Дар бораи ҷоннок кардани фаъолияти комиссияҳои байниҳукуматӣ, ҳамчунин баргузор намудани як қатор чорабиниҳо оид ба самтҳои асосии ҳамкорӣ муоҳидаҳо ба даст омаданд.

Манфиатдории дуҷониба бобати идома додани мулоқоти қарин ва пурмуҳтаво, дастгирии тарафайн дар доираи созмонҳои байналхалқӣ ва сохторҳои минтақавӣ изҳор гардид.

Суҳбат дар муҳити ошкоро ва дӯстӣ гузашт.

ЎзА.

Рафиқ НИШОНОВ:

ЎЗБЕКИСТОНРО ОЯНДАИ ДУРАХШОН ИНТИЗОР АСТ, ОН АЗ НАВ БУНЁД МЕҒАРДАД

15 январ арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ Рафиқ Нишонов 95-сола мешавад. Ӯ дар ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд таваллуд шудааст. Донишкадаи омӯзгории Тошкандро хатм намуд, номзади илмҳои таърих аст. Ба сифати раиси кумитаи ичроияи шаҳри Тошканд, Сафири Фавқулодда ва Мухтори ИҶШС дар Шри-Ланка, Ҷумҳурии Малдив ва Шоҳигарии Ӯрдун кор кард. Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон, раиси Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, Котиби аввали КМ Партияи коммунистии Ӯзбекистон буд.

– Муҳтарам Рафиқ Нишонович, Шумо розиед, ки суҳбатро бо савол дар бораи дарозумрӣ оғоз намоем. Лутфан бигӯед, ки барои дарозумрӣ чӣ бояд кард?

– Ман дар яке аз гӯшаҳои зеботарини Ӯзбекистон таваллуд шудаам. Мо обро аз дарёи чуқури кӯҳии Чирчиқ мегирифтем. Таъми хуби ин оби хунукро ман то ҳол метавонам дар хотири худ ҳар лаҳза зинда кунам. Ин хотира ба ман эҳсоси хушӣ мебахшад.

Дар Ӯзбекистон ноҳияҳои обу ҳавояш хуш ва чашмаҳои ҳаётбахш зиёданд. Дар сайёраи Замин ҷое, ки чунин фаровону харбуза, тарбуз, ангур, хурмо, анҷирҳои зиёд ва шаҳдовар дошта бошад, кам пайдо мешавад. Ҳамаи ин меваҷот манбаи муҳимтарин витаминҳо мебошанд.

Деҳаи мо тақрибан 300 оила дошт, ки ба ҳар кадоми онҳо хоҷагӣ 20 сотихӣ замин дода буд. Мо картошка, ҷуворимакка, гандум кошта, парвариш мекардем. Ҳатман харбуза, тарбуз, сабзавот, нахӯд ва кабудӣ меруёнидем. Ноштои анъанавӣ: чойи кабуд ва нони гарм бо ангур ҳисоб меёфт. Аз солҳои кӯдакӣ дар хотири ман чойи сабзи № 95-и «самарқандӣ» боқӣ мондааст, ки фоида ва таъми онро тавсиф кардан душвор аст. Вале, тавре ки шумо медонед, дарозумрӣ фақат аз обу ҳавои тоза ва хӯроки серғизо вобаста нест.

(Давомаш дар саҳ.3). ⇨

14 январ — Рӯзи муҳофизони Ватан

МАНЗИЛҲОИ ИСТИҚОМАТӢ БА ХИДМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ

Дар арафаи Рӯзи ҳимоятгарони Ватан – 14 январ ба хидматчиёни ҳарбӣ инъом намудани манзилҳои нави истиқоматӣ дар мамлакати мо ранги одатро гирифтааст.

Бинобар қарори сарвари давлат аз 21 октябри соли 2016 «Дар бораи барномаи барпо намудани манзилҳои арзон дар асоси лоиҳаҳои намунавии таҷдидёфта дар деҳот дар солҳои 2017-2021» дар вилояти Бухоро сохтани иморатҳои бисёрошёна бо мақсади бо манзил таъмин кардани хидматчиёни ҳарбии Вазорати дифоъ Гвардияи миллӣ, кормандони Вазорати корҳои дохилӣ ва Хидмати бехатарии давлатӣ ба андозаи 91 миллиард сӯм ҷамъ 666-то истиқоматгоҳ ба нақша гирифта шуда буд. Дар давоми се соли гузашта 606-тои онҳо ба истифода супорида шуд.

Имсол дар арафаи Иди касбии муҳофизони Ватан дар кӯчаи «Намозгоҳ»-и шаҳри Бухоро иморатҳои 2, 5 ошёнаи дорои 60 ҳавлӣ ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, гвардияи миллӣ, хидматчиёни ҳарбӣ инъом гардид. Ба ин муносибат дар ин ҷо маросими тантанавӣ баргузор гардид. Дар он намояндагони фармондеҳии қӯшунҳои Округи ҳарбии Ҷанубию Ғарбӣ, роҳбарони секторҳо, вакилони ҳокимият, аҳли ҷамоат, аъзоёни оилаҳои хидматчиёни ҳарбӣ иштирок намуданд. Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилоят Ботир Зарипов ва дигарон ҷамъомадагонро бо тӯҳфаи муносиби Рӯзи ҳимоятгарони Ватан табрику муборакбод намуда ғамхориҳои беназири Президенти мамлакат Ш. Мирзиёев ва таҳти роҳбарии вай ислоҳоти ба амал омадаистодаро алоҳида таъкид карданд. Баъд калиди манзилҳои нав ба соҳибонаш супорида шуд. Навор бурида шуда ҷамъомадагон бо шароитҳои фароҳамовардашудаи манзилҳо шинос шуданд. Соҳибманзилшудагон нисбати ин қадршиносиҳои падарона арзи сипос намуданд.

А. Авезов,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.
Лавҳаҳо аз тадбир.

АРТИШИ МИЛЛӢ МАКТАБИ ВАТАНПАРВАРӢ

Вақте ки Рӯзи муҳофизони Ватанро дар рӯзҳои аввали соли 2021 ва 29-умин солгарди таъсисёбии Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба таври васеъ ҷашн мегирем, мо эътимод ва муҳаббати баланди сарвари давлат, халқи мо ва оммаи васеи мардумро нисбат ба муҳофизони Ватан амиқан эҳсос мекунем. Охир ҳақиқате ҳаст, ки аз замонҳои қадим исбот шудааст, яъне ҷавонони донишманд, ҷасур ва фидокори кишвар ҳамеша аз халқ нерӯ гирифтаанд.

Дар рӯзҳои охири соли 2020, ки барои мардуми ҷаҳон пуртаҳлука омад, дар арафаи Соли нав ҳамаи мо Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёевро ба Олий Мажлис бо хушҳолӣ гӯш кардем. Роҳбари давлати мо хидмат ва заҳмати халқамон, алалхусус, фидоиёне, ки накӯиро шиори худ қарор додаанд, мутахассисоне, ки дар рӯзҳои душвор ба дарди мардум дармон шудаанд, ҳамватаноне, ки касби худро эъзоз намуда, дар рушди кишвари мо саҳм гузоштаанд ва мегузоранд, алоҳида эътироф намуд.

Муроҷиатнома аз он ҷиҳат муҳим буд, ки дар он самтҳои фаъолият дар соли 2021, ки ба ислоҳоти ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёт нигаронида шудааст, муайян карда шуданд. Супоришоту вазифаҳои муҳими дар Муроҷиатнома пешгузошташуда, ки дар қисмати соҳаҳо иҷрои нишондиҳандаҳои дақиқи вазифаҳои устувор иҷрокунии ёфтаанд, идомаи мантиқии корҳои соли гузаштаро таҷассум карданд.

Мувофиқи пешниҳоди Президент Шавкат Мирзиёев ба мақсади идома додани корҳое, ки баҳри фатҳи марраҳои баланд дар соли 2020 амалӣ гардонда шудаанд ва ба сатҳи баландтар бардоштани он соли 2021 дар кишвари мо «Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ» эълон шуд. Ҳамин тавр, соли оғозёфта бо иҷрои ҳар як самти устувори дар Муроҷиатнома зикршуда соли рушди давлати мо, пойдории сулҳ ва осоиштагӣ буда, дар таърихи кишварамон саҳифаи нав мекушояд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Сарфармондеҳи олии Қуввaҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев дар Муроҷиатнома ба фаъолияти Қуввaҳои Мусаллаҳи кишварамон таваҷҷӯҳи хоса дод. Вай қайд кард, ки корҳое, ки дар соҳаи тайёрии ҷангӣ, тарбияи ватандӯстии ҷавонон, таъминот, ҳифзи иҷтимоӣ дар қӯшунҳои артиши миллиамон оғоз шудааст, ки кафолати боэътимоди дахлнопазирии ҳудуди Ӯзбекистон ва зиндагии осоиштаи мардуми мост, идома хоҳад ёфт.

Дар воқеъ, соли гузашта дар артиш тағйирот ва ислоҳоти ҷиддӣ ба амал омаданд. Аз ҷумла, дар самти рушди Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, руҳи ҳушёрӣ бахшидан ба ҷамоаҳои ҳарбӣ, ҳалли мушкилоти дар тайёрии ҷангӣ, таъминот ва соҳаҳои дигар ғуншуда, хулоса, ба куллӣ тағйир додани симои артиш талошҳои ҷиддӣ ба харҷ дода шуданд. Таҳлили рӯйдодҳои ҷаҳонӣ, навигариҳо дар соҳаи ҳарбӣ ва мудофиа, омӯзиши таҷрибаи пешқадам, корҳои амалӣ оид ба тайёрии ҳамаҷонибаи қадрҳои ҳарбӣ дар асоси ихтисоси онҳо натиҷа доданд. Дар ин раванд ҳама дар ҳавзаи ҳарбии мо, аз сарбоз сар карда то командир, аз хизматчии оддӣ то мутахассиси ботаҷриба фаъолона ширкат варзиданд. Дар натиҷа, мо ба дастовардҳои зиёд ноил гаштем. Дар шароити пандемия, хизматчиёни ҳарбии мо вазифа ва масъулияти худро софдилона иҷро намуда, ба савганди худ дар назди Ватан содиқ монданд.

Барои беҳтар кардани хидмати ҷангии қӯшунҳо инфрасохтори майдонҳои тамриноти сахрӣ пурра аз нав дида баромада шуд. Биноҳои таълимӣ бо асбобҳо ва таҷҳизоти зарурӣ мучаҳҳаз карда шуданд. Кори тарбиявӣ дар шароити ҷангӣ барои баланд бардоштани шиддати рӯҳӣ ва устувории нерӯи ҷисмонии ҳар як мутахассис дар шароити душвор такмил дода шуд. Технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар амал татбиқ карда шуданд, то ки хизматчиёни ҳарбӣ, новобаста аз ҳолати корӣ, вазифаи таъиншударо ҳар вақт бемамониат иҷро кунанд.

Дар машғулоти омодагии ҷангӣ, озмун ва мусобиқаҳо таҳти шиори «Ман ғолиб шудам!», ки дар давоми сол гузаронда мешаванд, муносибати нав ба бо зеҳн ва тафаккури таҳлилӣ идоракунии нерӯҳо, истифодаи боэътимоди силоҳҳои технологӣ ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда нақши муҳим доранд.

Ҷавобан ба эътимоди олии сарвари давлат ва халқи худ, мо дар соли 2021 мақсад дорем, ки тавассути роҳандозии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ як қатор тадбирҳоро оид ба баланд бардоштани сифати идоракунии ҳарбӣ, корҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ, маънавӣ ва маърифатӣ ба анҷом расонем.

Инсон ҳар қадаре ки худро шиносад, наслу насабашро амиқтар донад, дар қалбаш ҳисси муҳаббат ба Ватан реша давонда, меафзояд. Ин реша ҳар қадар амиқтар бошад, муҳаббат ба кишваре, ки дар он ҷо таваллуд ва ба воя расидааст, баландтар хоҳад буд. Ин ба ҳамаи миллату халқиятҳое, ки дар хоки Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд, онро ватани худ медонанд, як хел дахлдор аст.

Халқи мо таърихи бой, фарҳанги баланд ва маънавияти бузург доранд. Зеро, ин ҳисси ҷасорати маънавӣ мебошад, ки дар замони пурташанниҷ ва таҳлуканоктарин ба миллати мо умед ва эътимод бахшид, онро ба муборизаи бар зидди душманон раҳнамун намуд, гузаштагони моро ба кашфиётҳои илмӣ, пирӯзиҳои ҳарбӣ даъват кард, машъали маърифатро баланд бардошт ва бар зидди ҷаҳолат муборизаи бурд.

Бо мақсади да таври муназзам, тадриҷан ва самаранок ташкил кардани кори тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстии ҳарбӣ ба муносибати Рӯзи ҳимоятгарони Ватан дар бозиҳо ва мусобиқаҳои гуногун, ки дар муассисаҳои таълимӣ, маҳаллаҳо, ҳудудҳои дурдаст, қисмҳои ҳарбӣ баргузор мешаванд, вохӯриҳои фармондеҳон ва ҷавонон, сабақи далерӣ, ҷорабиниҳои маънавию маърифатӣ хизматчиёни ҳарбии пешқадам, собиқадорони Қуввaҳои Мусаллаҳи дорои таҷрибаи бойи ҳаётӣ, намояндагони насли наврас, ки дар мусобиқа ва озмунҳои гуногуни соҳаҳои илм, фарҳанг ва варзиш ғолиб омадааанд, иштирок мекунанд. Дар ҷорабиниҳои Рӯзи муҳофизони Ватан, ки дар ҳамоҳанги бо мазмуну моҳияти «Он кӣ бошад ба Ватан содиқ манам!» ҷашн гирифта мешаванд, шӯроҳои ҳудудӣ ва маҳаллии Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон, Бунёди ҷамъиятии хайрияи «Маҳалла», Бунёди «Нуроний», Кумитаи занон ва бахшҳои ҳудудии онҳо ҳамкорӣ мекунанд.

Ҳақиқате, ки аз озмоиши таърих гузаштааст, ин аст, ки ҳар як низоми давлатие, ки ба ғояҳои наҷиб, мероси маънавӣ, анъанаҳо ва талаботи муосир асос наёфтааст, дур намеравад. Мегӯянд, ки дар ҷаҳон мушкилтарин вазифа тарбияи инсон, ташаккули шуури ӯст. Зеро, дар ин бобат танҳо суханони хушку холӣ ва ҳатто донишу таҷриба кофӣ нест. Дар ин робита, пеш аз ҳама, инсон бояд дурустӣ ва қонунӣ будани ҳадафро бо кори амалӣ ва кӯшишҳои наҷиб, фидокории худ исбот кунад.

Ҳадафи мо содда ва ҳаётист — дар қалб ва зеҳни хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла ҷавонон ҷойгир кардани ҳисси инсонӣ, ноил гардидан ба афзалият дошани фазилатҳои олиҷанобӣ. Табиист, ки ин на танҳо баланд бардоштани сатҳи дониши фарзандони мо, балки дар қалби онҳо ҷойгир намудани тафаккури нав вобаста ба мустаҳкам намудани истиқлолиятамон, ташаккул додани ғояҳои нав, рағбатноксозии онҳо ба корҳои нек дар роҳи таъмини сулҳ, шукуфоӣ ва рушди кишварамон, дар шуури одамон инкишоф додани ҳисси дахлдорӣ ба ислоҳоти васеъмиқёси соҳаҳои гуногуни ҳаёт, бунёдкорӣ, эътимод ба оянда ва шукронагӣ аҳамияти муҳим касб менамояд.

З. САЙФУДИНОВ,
фармондеҳи қӯшунҳои округи ҳарбии Тошканд, полковник.

ВАТАНРО МАРДҲО ҲИМОЯ МЕКУНАНД

Дар маркази ноҳияи Риштон ба муносибати 29-солагии Рӯзи ҳимоятгарони Ватан ва Нерӯҳои Мусаллаҳ ҷорабинии доманфарох баргузор гардид. Муассис ва баргузоркунандаи ин ҷорабинӣ дар ҳамкорӣ бо ҳокимияти ноҳия Хонаи дӯстии "Ӯзбеку тоҷик" буд.

Рӯзи баргузории ҷорабинӣ афсарону сарбозони низомипӯш, кормандони идораҳои давлативу хусусӣ ва меҳмонони зиёд ба майдони назди "Кохи фарҳанг" даъват шуда буданд. Ҳокими ноҳия Суфҳонҷон Солиев ҳимоятгарони Ватани азиз ва онҳое, ки аллакай хизмати шоистаро ба анҷом расонидаанд, бо рӯзи идашон шодбош гуфт.

– Маҳз ба шарофати хизматҳои шабонарӯзии ҳимоятгарони содиқамон дар Ватани гулгулшукуфон ороміву осудагӣ ҳукмрон мебошад, мардуми кишвар дар фазои амну озод ба сар мебаранд, сарҳадҳои кишварамон таҳти назоратанд, – гуфт С. Солиев.

Тавре ки вай илова кард, ҷавонмардони ноҳияи Риштон низ дар қавӣ шудани сафи Нерӯҳои Мусаллаҳ ва ҳимояи Ватан саҳми калон мегузоранд.

Дар ин маҳфили идона дастаи оркестри қӯшунҳои Округи ҳарбии шарқӣ бо оҳанги марш ба майдон ворид шуд ва таваҷҷӯҳи мардуми зиёдро ба ҳуд кашид. Баъди лаҳзае афсарону сарбозон санъату маҳорати ҷангии худро барои тамошобинон намоиш доданд ва мавриди истиқболи гарми онҳо қарор гирифтанд. Ҳамчунин аз тарафи онҳо саҳнаҳое ба намоиш гузошта шуданд, ки маҳз ҳаёти имрӯзаи хизматчиёни ҳарбии Нерӯҳои Мусаллаҳро бозгӯӣ мекунанд.

Баромади тарбиягирандагони мактаби "Алпомиш"-и ноҳия ва намоишномаҳои онҳо низ ба тамошобинон хеле писанд омад.

Баъд садои дафу доира ва савту суруд оғоз ёфт. Пиру барно машғули рақсу бозӣ ва хурсандиву шодӣ шуданд.

– Ҳар сол мо Рӯзи ҳимоятгарони Ватанамонро бо шукӯҳи хос таҷлил мегирем. Имсол ин ҷорабинии мо боз бештар шукӯҳи тоза касб намуд, зеро дар маркази ноҳия Хонаи дӯстии "Ӯзбек-тоҷик" кушода шуд, – мегӯяд роҳбари дастаи фолклорӣ В.Қодиров.

– Бо камоли майл қайд карданиам, ки ин аввалин ҷорабинии доманфарохи мо баъди таъсисёбӣ мебошад. Тавре ки дар урфият мегӯянд, ин аз нӯги ҳамр фатир аст. Дар ояндаи наздик баргузории якчанд маҳфилу ҷорабиниҳои доманфарохро барномарезӣ кардаем. Ҳоло дар Хонаи дӯстӣ якчанд маҳфил амал мекунад. Аз ҷумла, забон ва адабиёти тоҷик аз маҳфилҳое мебошад, ки ҳангоми баргузор намудани ҷорабиниҳои фарҳангиву

бадеӣ ҳамеша дар сафи пеш қарор хоҳад гирифт. Дар он як гурӯҳ ҷавонон ифтихормандона ба азёд кардани шеъру ғазалҳои тоҷикӣ пардохтаанд. Гузашта аз ин, бо ташаббуси овозхон Валиҷон Қодиров дастаи ҳунарии фолклории "Ширу шакар" ташкил намудем. Ин даста бори нахуст дар Рӯзи ҳимоятгарони Ватан барномаи консертии худро намоиш дод ва он манзури тамошобинони зиёд гардид, – гуфт директори Хонаи дӯстӣ Турсунхӯҷа Абдураҳмонов.

Ногуфта намонад, ки дар ин рӯзҳо бахшида ба 29-умин солгарди таъсиси Нерӯҳои Мусаллаҳ чунин ҷорабиниҳои идона дар шаҳраку рустоҳои ноҳия низ роҳандозӣ гардиданд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори "Овози тоҷик".
Вилояти ФАРҒОНА.

ХАБАРҲО

Сайёҳӣ дар ҷумҳурии мо

Яке аз соҳаҳои ба туфайли инқирози глобалӣ зарардида сайёҳӣ мебошад. Бо вуҷуди ҳамин дар соҳа корҳои назаррас пеш бурда шуданд.

Дар вохӯрӣ бо рӯзноманигорон муовини Сарвазири Ҷумҳурӣ А.Абдуҳакимов гуфт, дар соле ҳам, ки пандемия саросари дунёро ба ташвиш гузошт, қадами сайёҳу зиёратгарон аз диёри мо канда нашуд. Дар давоми соли 2020 1 миллиону 504 ҳазор нафар ҳориҷиён ташриф оварда ва ба андозаи 261 миллион доллари ИМА хидмати сайёҳӣ расонида шуд. Нақшаҳо дар соҳа барои соли 2021 муайян гардидаанд. Соли равон ба мамлакатамон ҷалб гардидани 1 миллиону 700 нафар сайёҳон ба нақша даромадааст.

Дар соли сипаришуда ба 1 миллиону 800 нафар сайёҳони маҳаллӣ хидмат расонда шуда бошад, соли равон то 7,5 миллион нафар расонда шудани онҳо пешбинӣ мешавад.

Технологияи рақамнок доман паҳн мекунад

Соҳае нест, ки технологияи иттилоотии «IT» ворид нашуда бошад. Функсияи рақамноксозӣ дар ҳамаи риштаҳо ба ҳалли душвориҳо кӯмакрасон аст.

Дар мамлакатамон эътибор ба «IT» торафт афзуда, наздик 900 барномаи он дар соҳаҳои гуногун татбиқи амалии худро меёбанд.

Танҳо дар риштаи кӯмаки тестии тиббии ягона бо истифода аз технологияи иттилоотии «IT» вақти мизоҷон ду баробар сарфа гашт. Тӯли соли сипаришуда дар 88 поликлиникаи оилавии бисёрсоҳаи шаҳри Тошканд хидматрасонии электронӣ ё худ сохтори иттилоотии рақамнок ҷорӣ гашт. Аз лоиҳа 621 ҳазор нафар аҳолии пойтахт, ки ба кӯмаки тиббӣ муроҷиат кардааанд, истифода намуданд. Барои омӯхтани тарзи истифода аз «IT» марказҳои омӯзишӣ кушода шудаанд.

Ба пешвози Рӯзи муҳофизони Ватан

Ба муносибати Рӯзи муҳофизони Ватан ҷорабиниҳои варзишӣ бо савияи баланд мегузаранд. Дар майдони «Дӯстии халқҳо»-и пойтахт мусобиқаи давидан ба 10 км сурат гирифт.

Дар марафон бештар аз 400 нафар ҳодимони ҳуқуқу тартибот иштирок намуданд. Дар маросими кушоиши ҷорабинӣ мушовири Президент А.Абдувоҳидов ва котиби Хидмати амнияти Ӯзбекистон В.Маҳмудов иштирок ва сухан ронданд.

Ба қуввасанҷии иштирокдорон, ки намояндагони вазоратҳои корҳои дохилӣ, дифоъ, вазъиятҳои фавқулодда ва Гвардияи миллӣ буданд, наздик 30 нафар ҳакамҳо баҳо гузоштанд.

Дар марафони мазкур, ки таҳти шиори «Варзишро дӯст дор, бо варзиш бизӣ!» сурат гирифт, ҷуз ҳарбиён ва муҳофизони ҳуқуқу тартибот ихтиёриён низ маҳорати варзишӣ нишон доданд.

Хидмати амнияти давлатӣ низ Рӯзи муҳофизони Ватанро сазовор истиқбол менамояд. Бо ташаббуси он дар мачмӯи варзишии «Матонат»-и пойтахт байни наврасон аз рӯи 5 намуди спорт мусобиқаҳо ба амал омаданд. Дар қуввасанҷиҳо баробари тарбиятгирандагони хонаи шафқати рақами 21 ва толибилмони дабистони таълими умумии рақами 80 фарзандони ходимони ҳуқуқ ва тартибот иштирок карданд.

Ба иштирокдорони 8-14-сола, айни замон, баромадҳои намоишӣ, шиносоӣ бо намунаҳои техника ва силоҳҳои замонавӣ таассуроти хуб гузошт.

Баробари ғолибони мусобиқот ҳар як ширкатчуста бо тӯҳфаҳои арзишнок ва хотиравӣ тақдиронида шуд.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ФОРУМИ ТАЪРИХИЕ, КИ ҶАВОНОНРО РӮҲБАЛАНД МЕКУНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз онҳо асрори варзиши тенниси рӯйи мизро омӯхтам. Аз байн солҳо гузашта, дар турнир ва мусобиқаҳои ноҳиявию вилоятӣ бомуваффақият иштирок карда, аз шоҳсуфаи ғолибон ҷой гирифтам. Дертар дар чемпионати Ӯзбекистон ба унвони даҳ карат чемпиони Ӯзбекистон сазовор шудам. Маро ба тими яккачини Ӯзбекистон аз рӯйи тенниси рӯйи миз қабул карданд.

Дар сафи он дар турнир ва мусобиқаҳои байналхалқӣ, ки дар Латвия, Белорус, Туркия, Чин, Молдавия, Русия, Қазоқистон баргузор гардид, иштирок намудам ва ғолибиятро ба даст оварда ба Ватанам бо медалҳо баргаштам. Ин бароям имконият пайдо кард, ки бидуни супориши имтиҳон ба таври имтиёзнок ба факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Донишгоҳи давлатии Намангон қабул шудам. Инчунин, хоҳарам Ҷаннатой Мадалиева ҳоло хонандаи синфи 10-уми мактаби таълими ҳамагонии рақами 69-уми ноҳия, низ варзиши тенниси рӯйи мизро интихоб кард.

Чуноне ки ҳамон рӯз дар қасри «Humo arena»-и пойтахт Форуми ҷавонони Ӯзбекистон баргузор гардид, мо ҳам дар мусобиқаи чемпионати Ӯзбекистон аз тенниси рӯйи миз иштирок кардем. Ин дар таърихи мамлакатамон бори аввал баргузор гардид. Дар форум ҳар як суханони сарвари мамлакатамон, ки ба роҳи ояндаи дурахшони мо – ҷавонон нигаронида шудааст, моро рӯҳбаланд сохт.

Қобили қайд аст, ки ҳокими вилоятамон Шавкат Абдураззоқов ба варзиш эътибори алоҳида зоҳир мекунад ва соли 2021-умро дар вилоят Соли эътибор ба варзишгарони ҷавон эълон кард.

Мо – варзишгаронро водор месозад, ки баробари бештар маҳоратамонро сайқал дода дар турнир ва мусобиқаҳои гуногун иштирок кардан, дар маҳалҳо ба тарғиб кардани варзиш ва дар ин ҷода барои солимгардонии аҳолӣ саҳми сазовори худро ҳамроҳ намоем.

Суғдиёна МАДАЛИЕВА,
донишҷӯйи факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Донишгоҳи давлатии Намангон.

Ҷавонмардо, ҷавонмардӣ биомӯз!

ДАВОМИ АНЪАНА

Афсари мустафъӣ Шодмон Азизов саргарми мутолиаи китоб аз ҳаёти саркардаи афсонавӣ Георгий Жуков буд, ки тақ-тақи дарвоза шуд. Вай сари кӯча баромад. Ду нафар ходимони шуъбаи оид ба корҳои дифои ҳокимияти ноҳияи Самарқанд ба ӯ Ташаккурномаи сарфармондеҳи яке аз қисмҳои ҳарбии вилояти Тошкандро, ки ба писараш Шуҳратҷон буд, супурданд.

– Ана ин туҳфаи хотиравӣ аз идораи мо,– гӯён телевизори гаронбаҳоро низ ҳадя карданд.

Соҳибхона ба расми тоҷикон амал карда, онҳоро ба хона таклиф намуд, аммо меҳмонон узр гуфта, хайру хуш карданд.

Шодмон Азизов боз китобро ба даст гирифт, лекин чашмонаш рӯйи сатрҳо медавиданду хотираҳои айёми ҷавонӣ пеши назараш ҷилвагар мешуданд.

Он солҳо вай дар синфи 8-уми мактаби миёнаи рақами 16-уми деҳаи Ӯрташайх таҳсил мегирифт. Роҳбари таълими ибтидоии ҳарбии мактаб, иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳон Идӣ Казаков ба толибилмон эълон кард, ки пагоҳ, рӯзи якшанбе экскурсия ба омӯзишгоҳи ҳарбии автомобилӣ – фармондеҳии олии Самарқанд ташкил карда мешавад. Тамошо бепул, нақлиёт соати 8-и пагоҳӣ аз назди майдони варзиш ҳаракат мекунад.

Шодмон ба он ҷо аз аввалинҳо шуда ҳозир гардид. Дере нагузашта автобус аз ҳавасмандон пур шуд. Дар ҷойи кушоду васеи омӯзишгоҳ техникаи ҳарбӣ гузошта буданд, ҳар кас метавонист озод автомати ҳақиқӣ ва туфангро ба даст гирад ё ки ба курсии тӯп нишаста мили онро давр занонад. Дохили чархболу танк гаштан ҳам аҷиб буд. Дар ошхонаи курсантҳо бо хӯрок зиёфат доданд, ки ин хотирнишин буд.

Бегоҳӣ Шодмон тафсилоти сафарро ба падараш – устоди мактаби миёнаи рақами 34-уми деҳаи Чоршанбе қисса кард ва афзуд, ки вай ҳатман ҳарбӣ мешавад.

– Орзуро айб нест, – гуфт Раббим Азизов. — Шахсан ман розӣ, лекин бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад. Барои ҳимоягари Ватан шудан ҳам ҷисмонан, ҳам руҳан пурқувват будан лозим. Ба ту зарур аст, ки бо варзиш машғул шавӣ, забони русиро омӯзӣ.

Шодмон бо маслиҳати қиблагоҳ бо самбо машғул шуд, асарҳои Толстой, Чехов, Шолохов, Аркадий Гайдар ва дигаронро пайваста мутолиа намуд.

Ӯ соли 1983 номаи камолро гирифту бо дуои волидайн хуҷҷатҳояшро ба омӯзишгоҳи ҳарбии автомобилии қӯмондони олии Самарқанд супурд. Тайёрии ҷисмонӣ ва дониши кофӣ дошт, бинобар ин аз имтиҳонҳои қабул сарбаландона гузашт. Дар омӯзишгоҳ тартиби қатъии ҳарбӣ буд, ки на ҳама ба таҳсилу аз асрори фармондиҳӣ огоҳ шудан тоқат карда метавонист. Бисёриҳо хондану тарк карданд. Дар аввал Шодмон низ душворӣ кашид. Зеро соати шаш аз хоб хеста то соати 10-и шаб пайваста хондану машқ кардан осон набуд. Вай баъди чор сол ба гирифтани диплом ва рутбаи лейтенантӣ муваффақ шуд. Бо роҳҳат ба яке аз қисмҳои ҳарбии воқеъ дар шаҳри Чирчиқ ба кор омад. Дар муддати кӯтоҳ аз вазифаи командири взвод то дараҷаи ҷонишини командири қисм расид.

Соли 1986 ӯро ба шаҳри Тирмиз фиристоданд, ки ба сарбозони ҷавони маҳаллӣ, ки аксарият тоҷик буданду барои дифоъ аз инқилоби саври Афғонистон сафарбар мешуданд, сабақ диҳад. Шодмон Азизов аз он дар ҳайрат буд, ки аскарҳои маҳаллӣ дар муддати ду моҳ чиро хоҳанд омӯхт? Вай ин фикри худро бо «калон»-ҳо гуфта дар бало монд.

– Мо шуморо барои дарс додан даъват намудем, – гуфтанд вакилони Маскаву Тошканд, – агар маслиҳат лозим шавад, муроҷиат мекунем.

Вай аз чунин ранг гирифтани масъала ҳайрон монд. Зеро дар Афғонистон бисёр сарбозони камтаҷриба ҳалок мешуданд.

Шодмон Азизов ихтиёран ариза навишт, ки ба Кобул роҳат диҳанд. Аммо фармондеҳи округи ҳарбии Туркистон ӯро ба Самарқанд – ба омӯзишгоҳи ҳарбӣ баргардонданро салоҳ донист.

Вай ба тақдир тан дод ва то ба нафақа баромадан дар омӯзишгоҳи ҳарбии автомобилии қӯмондонии олии Самарқанд бо корҳои таълиму тарбия машғул шуд. Ба истеъфо баромаду мардуми одамшиноси зодгоҳаш хислатҳои пурдониву дурандешии ӯро ба инобат гирифта, соли 2013 раиси маҳаллаи Ӯрташайх интихоб карданд. Ӯ ин вазифаро ду муҳлат бо масъулият адо намуд. Маҳз бо саъю кӯшиши вай бисёр корҳои ободонӣ амалӣ гардида, таъминот бо нерӯи барқ, оби ошомиданӣ ва газ беҳтар гардид. Атрофи қабристон бо девор иҳота шуда, кӯчаҳо аз таъмири хушсифат баромаданд. Тӯю маъракаҳо камҳарҷу мувофиқи талаби замон шуданд. Аз ҳама муҳимаш, бо ҳамсари меҳрубонаш Соҷида Ғаниева се нафар фарзандро таълиму тарбия дод. Ҳоло писари калонӣ дар таркиби Қуввaҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон дар рутбаи майор хизмат мекунад. Духтаронаш Гулмира ва Шаҳноза аз паси модар рафта, посбони саломатӣ шуданд.

Полковник Шодмон Азизов барои хизматҳои шоён дар соҳаи ҳифзи Ватан ва нигаҳдории осоиштагии халқ бо як қатор мукофотҳои давлатӣ сарфароз шудааст.

Алҳол қаҳрамони лавҳаи мо – ҷонфидои халқу Ватан ду сана – Рӯзи ҳимоягарони кишвари азиз ва мавлуди хешро ҷашн мегирад.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА.
Вилояти САМАРҚАНД.

Рафиқ НИШОНОВ:

ЎЗБЕКИСТОНРО ОЯНДАИ ДУРАХШОН ИНТИЗОР АСТ, ОН АЗ НАВ БУНЁД МЕҒАРДАД

Рафиқ Нишонов (дар байн) бо ҳамсари марҳумаш Раъно Нишонова ва метсенат Алишер Усмонов.

(Давомаш. Аввалаш дар саҳ.1).

Вай, пеш аз ҳама, аз тарзи зиндагӣ, дуруст ба роҳ мондани меҳнати сермаҳсул бо истироҳати оқилона вобаста аст. Ачибаш ин аст, ки бекорӣ ба саломатӣ танҳо зарар мерасонад. Man бо кайфияти хуб парваридан ва аз дил дур карда тавонистани ғаму андӯҳро маслиҳат медодам, дар ҳама кор бояд барои пирӯзӣ ва муваффақ шудан ба комёбӣ саъй кард.

– Ба фикри шумо, муваффақиятҳои Ўзбекистон аз чиҳо иборатанд?

– Президент Шавкат Мирзиёев, агар содатар карда гўем, дар мамлакат воқеан, инқилоби «ором» баргузор кард. Вай қатъиян ва оромона қарор ва дастурҳои кўҳнаро инкор намуд, барои рушди босуботи минбаъдаи Ўзбекистон шароит фароҳам овард.

Роҳбари Ўзбекистон дар маърўзаҳои ҷолиби худ дар Ассамблеяи Генералии СММ, дар муроҷиатномаҳояш ба Мачлиси Олӣ ғояҳои навро дақиқ кор карда баромад ва роҳҳои мушахраси пешрафти стратегии Ўзбекистонро пешниҳод кард. Ташаббусҳои шахсии Президент Шавкат Мирзиёев бобати ба роҳ мондани муносибатҳои қарини дўстона бо кишварҳои ҳамсояи минтақа воқеияти нави сиёсиро ташаккул доданд. Қонунҳо дар бораи ҳифзи сармоя ва навгониҳои дигар боиси афзудани боварӣ ба тиҷорат, ҷалби сармояҳои ҷиддӣ гардиданд. Чунончи, ҳамдиёри мо, ватандўсти ҳақиқии Ўзбекистон, тоҷири тавонои Русия Алишер Усмонов барои дастгирии мардум дар замони карантин, ки ба пандемия алоқаманд мебошад, ҳамчунин барои бозсозии корхонаҳои бузург ва соҳтмони иншооти нав, аз ҷумла бунёди Маркази бузурги тамаддуни исломӣ маблағ ҷудо мекунад. Бисёр лоиҳаҳои ў, аз ҷумла ба рушди таълим, маданият, сайёҳӣ ва варзиши мамлакат нигаронида шудаанд.

– Солҳои охир дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ўзбекистон тағйироти назаррас амалӣ шуданд. Лутфан бигўед, ки барои шумо ибораҳои «Эҳёи Ўзбекистон», «Ўзбекистони нав» чӣ маънӣ доранд?

– Ўзбекистон ҳақиқатан эҳё мегардад. Man бовар дорам, ки онро нафақат бозсозӣ, балки эҳёи воқеӣ дар пеш ast. Ин андеша ба дили man қувват мебахшад. Вай беасос нест. Дар диёри азизи man барои пешрафт тамоми имкониятҳо: мардуми меҳнатдўсту соҳибистеъдод, сарвати бебаҳои табиӣ мавҷуданд. Агар аз ҳамаи ин дорои дуруст истифода бурда шавад, ҳамкориҳои муфиди тарафайн бо ҳамсояҳо, бо тамоми кишварҳои ИДМ фаъолона инкишоф ёбанд, муносибатҳо бо Русия, Чин, Ҳиндустон, давлатҳои дигар ба роҳ монда шаванд, бовар дорам, ки бобати рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, бинобар беҳтар шудани некуҳолии аҳолӣ хеле зуд натиҷаҳои назаррас ба даст меоянд.

Дар бораи Эҳё мехоҳам зикр намоям, ки дар таърихи сарзамини мо ду Эҳё – Эҳёи Шарқ дар асрҳои IX-XII ва Эҳёи Темуриён будааст. Дар Эҳёи аввал сухан аксаран дар бораи эҳёи дониш ва анъанаҳои улуми атиқии олимони бемисли Мовароуннахр – Берунӣ, Абўалӣ ибни Сино, Ал-Хоразмӣ меравад. Онҳо дар пояи дарки эҷодии мероси бостонӣ пешрафти илмии воқеан дорои аҳамияти ҷаҳониро содир намуданд, ки бидуни он пешрафти кунунӣ ғайриимкон мебуд.

Дар даврони Темуриён, баъд аз юриши харобкори қўшунҳои Чингизхон, эҳё ва пешрафти санъат, ҳунар, меъморӣ, назм, адабиёт ва илмҳои дунёвӣ мушоҳида мегардад, ки ҳуқуқ доданд дар бораи мафҳуми Эҳёи Темуриён сухан гўем. Агар эҳёҳои якуму дуюми асрҳои миёнаро бо зуҳуроти алломаҳои воқеии илм вобаста донем, эҳёи имрўза бояд тамоми табақаҳои ҷамъият, аз хурд то бузургро фаро бигирад. Танҳо ҳамон вақт вай метавонад ва бояд ба дигаргунии ҳаёти мардуми мо, ба пешрафти назаррасаи иқтисодиёт, илм ва техника таъсир гузорад. Man чунин андеша дорам.

– Баъзеҳо шуморо шогирд, ҳатто дўсти Шароф Рашидов медонанд, баъзеи дигар баръакс. Шумо чӣ мегўед?

– Шароф Рашидович ба таърихи мо ҳамчун арбоби намоёни сиёсӣ ва давлатӣ ворид гардид. Вай беш аз 20 сол мамлакатро хеле самарабахш идора кард. Роҳбари хоксор, корчаллон ва баробари ин серталаб буд, ҳеҷ гоҳ овозашро баланд намекард, аз суханони ҳақоратомез истиҳола менамуд. Номзадии маро ба вазифаи котиби аввали кумитаи ҳизбии ноҳияи Октябри шаҳри Тошканд дастгирӣ кард, сипас хоҳиш намуд, ки роҳбари кумитаи иҷроияи шаҳри Тошканд бошам. Баъд аз чанд сол бошад, man он лаҳзаи ғайрирасмиро хуб дар ёд дорам, занг зада, хоҳиш намуд, ки «барои як дақиқа» ба наздаш дароям (шояд, ҷиҳати хуб доштани суҳбати пешистодаро бо ин сухан ифода мекард) ва тақрибан ҳадаҳа гуфт: «Рафиқ Нишонович, пагоҳ бо самолёти аввалин ба Маскав равед, субҳи дигар бояд дар КМ ҲКИШ бошед». Силсилаи воҳўриҳои кабинетӣ бо суҳбати хеле ачиб ҳамроҳи Леонид Илич Брежнев хотима ёфт, ки ў онро чунин хулоса кард: «Шуморо Шароф Рашидович ба вазифаи котиби КМ Ҳизби коммунистии Ўзбекистон тавсия намуд. Мо ўро дастгирӣ мекунем ва ба шумо комёбиҳо орзу менамоем».

Ҳафт соли кори дўстона бо Шароф Рашидович хеле пурмаҳсул буданд. Пас аз вафоти Шароф Рашидович пленуми июнии КМ Ҳизби коммунистии Ўзбекистон баргузор шуд, ки таҳти фишори котибияти КМ ҲКИШ ба амал омад. Аз минбар котиби якуми КМ Ҳизби коммунистии Ўзбекистон И. Усмонхўҷаев роҳбари собиқро барои усули нодурусти сарварӣ, роҳ додан ба изофанависӣ дар пахтапарварӣ сахт танқид кард. Он замон Шароф Рашидовичро тақрибан тамоми мансабдорон танқид мекарданд. Вале аслан айбдор Маскав буд ва инро ҳама хуб медонистанд. Аммо, вақте ки худи Л. Брежнев Шароф Рашидовро руйирост ба ин кор мачбур мекард, кӣ ҳад дошт сартобӣ кунад. Шароф Рашидов ҳам чӣ кор карда метавонист?! Боре дар охири солҳои 60-ум Ш. Рашидов, ки аз Маскав баргашта буд, ба man гила кард: «Бояд боз нақшаи ҷамъоварии ҳосили пахтаро баланд бардорем. Ҳангоми хўроки нисфирўзӣ Леонид Илич дар ҳузури тамоми аъзои Бюрои сиёсӣ аз man пурсид, ки дар нақша чаҳор миллиону нўҳсад ҳазор тонна пахта навишта шудааст, барои панҷ миллион тонна кардани он чӣ намерасад? Man хомўш мондам, зеро дар назди ҳама ба Брежнев эътироз карда наметавонистам». Бо вучуди нуқсону камбудиҳо ва роҳгумзаниҳои таассуфовар, man Ш. Рашидовро шахсияти ғайриоддӣ ва роҳбари беҳамто меҳисобам. Муносибати man ба ў, умуман, хеле мусбат мебошад, зеро агар ҳаққи гапро гўем, дар он замон ба вазифаи баланди дипломатӣ тавсия дода, Шароф Рашидович маро аз таъқибҳои минбаъда, ки тамоми роҳбарияти онзамонаи ҷумҳуриро фаро гирифта буданд, халос кард.

Ба қисми дуюми саволи шумо баргашта, мехоҳам бигўям, ки одамон гуногунанд, тавре ки мегўянд, дарвозаи шаҳрро бастан метавон, даҳони мардумро не, яке аз асли воқеаҳо хабардор аст, дигаре намедонад ва ҳамин тариқ онҳое, ки намедонанд чунин суханҳои мухталифро ба забон меоваранд.

– Бигўед, ки дар он замони душвори шўравӣ ба шумо барин роҳбарон оё фишор буд? Оё шумо кор ё суханонеро, ки намехостед иҷро кунед ё бигўед, бар зидди хоҳиши худ мекардед ё мегуфтед?

– Man инро намехостам фишор гўям. Тамоми сиёсати шўравӣ чунин буд, аз минбар дигар гап мезаданду дар асл кори дигар мекарданд. Дар ҳаёти ҳамарўза боз кори сеюм мешуд.

Man ҳоло – дар пиронсолӣ дар бораи ин ғароиботи сиёсати шўравӣ, ҳарчанд худ дар дохили эҷодкорони ин сиёсат будам, бисёр андеша мекунам. Оре, дар ин ё он давраи он, ҳангоми ҳаллу фасли ин ё он вазифаҳо завқу шавқи оммавӣ мавҷуд буд, вале баробари ин бисёр ғоя ва барномаҳои «таърихӣ», ки дар анҷуманҳои ҳизби ягонаи ҳукмрон эълон мешуданд, рўйи коғаз мемонданд. Чунончи, шиори барои аксар маълум, ки дар анҷумани XXII-и ҳизб ба миён гузошта шуда буд, яъне «насли ҳолоинаи мардуми шўравӣ дар даврони коммунизм зиндагӣ хоҳад кард» аз санҷиши замон нагузашт ва ба сафсатта табдил ёфт. Маҳз дар ҳамон даврон мамлакат мушкилоти норасоии хўрокворирo эҳсос кард, шаҳрвандони худро таъмин карда натавонист. Man он даврро, ки дар Тошканд одамон аз субҳи содиқ барои нон ба навбат меистоданд ва модарам аз орди ҷуворимакка барои мо, фарзандонаш нон мепухт, хуб дар ёд дорам.

– Рафиқ Нишонович, насли калонсол суханронии шуморо дар яке аз ҷамъомадҳо дар Тошканд ёд дорад, шумо он замон ибораи «шарофрашидовчигӣ»-ро бо мазмуни бағоят манфӣ ба забон оварда будед. Боиси истифодаи ин ибора чӣ буд?

– Барои он ки ба ин саволи шумо ҷавоб диҳам, мо бояд ба муҳити он рўзҳо баргардем. Дар тамоми мамлакат «бозсозӣ» давом дошт, дар кишвари мо бошад, дар ҳама ҷо гурўҳи тафтишотӣ бо сарварии Гдлян ва ҳамсафи ў Иванов амал мекард. Ҳар рўз гоҳ ин, гоҳ он, баъзан одамони боинтизому бовичдонро низ ҳабс мекарданд. Вале аз ҷониби дигар, дар ҳақиқат, изофанависӣ, ҳамчунин дигар қонунвайронкуниҳо вучуд доштанд.

Ҳамчун раиси Президиуми Шўрои Олӣ ба муносибати солгарди навбатии Инқилоби Октябр маърўза карда, man бори аввал ин мафҳумро барои дақиқ кардани тарзи роҳбарии авторитарӣ, ки он замон дар Ўзбекистон чун дар тамоми Иттифоқи собиқ амал мекард, истифода бурдам. Ҳеҷ интизор набудам, ки ибораи «шарофрашидовчигӣ» чунин мустаҳкам мавқеъ пайдо мекунад. Маърўза маъқул дониста шуд. Баъзеҳо фикри маро дастгирӣ карданд, баъзеи дигар норозӣ буданд, мегуфтанд, ки «Масъаларо тезу тунд кардан магар шарт буд? Коҳи куҳнаро бод додан чӣ зарурат дошт?».

Бешубҳа, ибораи «Кори ўзбек», ки дар Марказ истифода мешуд, нафрати маро меовард. Оё чунин беадабӣ дуруст аст. Воқеаву ҳодисаҳои нохуби ошкоршударо ба номи як халқи тамом ҳукм кардан магар ҷоиз аст?! Ҳол он ки аз ин воқеаву ҳодисаҳо худи ҳамин халқ ҷабри бештар дидааст. Иллатҳои ошкоршуда, пеш аз ҳама, бар муқобили ин халқ равона шудаанд, халқи оддиро ғорат кардаанд, пулҳои аз онҳо ситондаро барои порадиҳӣ, хариди автомобилҳои «Волга», бунёди қасрҳо, ба даст овардани чизҳои қиматбаҳо ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар Маскав истифода бурдаанд.

Асоси ин фактҳоро ошкор накарда, пеш рафтан имконнопазир буд. Бозсозӣ солимгардонии ҷамъиятро дар назар дошт. Дар анҷумани дуюми намояндагони халқи ИҶШС, ки моҳи декабри соли 1989 ба вуқўъ пайваст, ҳамраиси комиссияи санҷиши кори ин гурўҳи тафтишотӣ, депутат В. Ярин маълумотҳои зеринро эълон кард: аз ҷониби мақомоти ҳуқуқу тартибот дар Ўзбекистон зиёда аз 800 парвандаи ҷиноӣ тафтиш шуд. Беш аз панҷ ҳазор нафар, аз ҷумла 600 корманди маъмурӣ, 10 нафар Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ ҳабс гардиданд. Аз айбдорон ба миқдори 100 миллион сўм маблағ ва ашёи гаронбаҳо ситонида шуд.

Онҳоро сабаб накарда, мегўям, ки оё чунин ғоратгарӣ ва тамаъгарӣ танҳо дар Ўзбекистон буд? Изофанависи пахта тақрибан дар тамоми ҷумҳуриҳои пахтакор ҷой дошт. Дар Қафқоз бобати парвариши чой чунин қаллобӣ мавҷуд буд. Модоме ки назорати воқеан давлатӣ нест, чаро фиреб надиҳанд? Аз он ҷойҳо ҳам пул ва ҳам қуттиҳои коняк ба Кумитаи давлатии планкашӣ ва Вазорати молия мерасиданд, то ки ғоратгариҳо сарпўш карда шаванд. Ба фикри man, Ўзбекистонро барои ибрат ба дигарон интихоб карда, рафиқон аз ҳад гузаронидаанд. Man дар даврони аввали кори гурўҳи тафтишотии Гдлян ва Иванов дар мамлакат набудам. Вале эътироф мекунам, ки сараввал ба онҳо бовар доштам, ба таъбири қаҳрамони кино Глеб Жеглов: «дузд бояд дар ҳабсхона хобад» ҳамфикр будам. Бо вучуди ин, бисёр мехостам, ки то имкон ҳаст, худам ба таги ин корҳо бирасам. Бо гузашти вақт бисёр чизҳоро дарк кардам ва барои худ хулоса баровардам. Ҷиноятҳои воқеии ашхоси соҳиби мансабҳои баланд касро ба ғазаб меовард. Вале ба man баъзе усулҳои тафтишот, ки оҳиста-оҳиста маълум мешуданд, маъқул набуд. Man шоҳиди тачрибаи зишти паҳн шудани ин амалиёт: аввал ба ҳабс гирифтани одам ва баъд собит кардани айби ў гардидам. Ҳангоми тафтишот эътироф кардани порагирӣ, барои он ки айбдори навбатӣ ба паси панҷара равад, кифоя буд. Дар ҳабсхонаҳои муваққатӣ, ки айбдоршаванда мувофиқи қонун бояд аз се рўз бештар дошта нашавад ва барои ҷойи хоб, ҳаммом, хўрокворӣ иҷозат набошад, одамонро мохҳо нигоҳ медоштанд. Man намедонам, ки далелҳои ашёӣ чӣ гуна ба даст оварда мешуданд ва оё ба айбдоршавандагон таъсири ҷисмонӣ расонида мешуд, вале воқеан гурўҳи Гдлян ва Иванов фишори рўҳиро истифода мебурд. Ва боз фишори сахти рўҳиро. Дар ҳабсхонаҳо бисёр хешовандон, пирон, маъюбон, модарони серфарзанд нигоҳ дошта мешуданд. Ҳодисаҳоеро медонам, ки занони соҳиби ёздаҳ-дувоздаҳ фарзандро зери назорат нигоҳ медоштанд, бо ҷиноятҳо корони ашаддӣ дар як камера мегузоштанд, ки ба онҳо тазйиқ ованранд. Сипас «бинобар набудани нишонаҳои ҷиноят» касони саломатӣ бохта, тарсидаву, мачрўҳшударо ба хонаҳояшон ҷавоб медоданд.

Дар сартосари ҷумҳурӣ тарсу вахм ҳукмрон буд. Бисёр ҳамдиёрони поквичдон аз он дар ҳайрат буданд, ки чаро одамонро бидуни тафтиш, таҳти ҷиноятҳо умумӣ ҳабс мекунанд? Ба назди man шиносу ношиносоне меомаданд, ки аз ин воқеаҳо ба дод омада буданд. Ҳангоме ки man раиси Президиуми Шўрои Олӣ шудам, муроҷиатҳо зиёд мерасиданд. Миқдори мактубҳо аз занон, модарон, фарзандони механизаторҳои ҳабсшуда, ҳисобдорон, сардорони бригадаҳо, мудирони анбор меафзуд. Ба онҳо эътибор надодан ғайриимкон буд: зеро номаҳо аз оилаҳои камтаъмин, серфарзанд, бесаробонмонда, аз онҳое, ки рўзашон бо душворӣ мегузашт, мерасиданд.

Чаро ин тавр, ғам мехўрдам man, барои изофанависӣ ҳабс кардани роҳбарон дигар асту деҳқонҳои оддӣ, каммаълумот, ночору ғайр аз ба иродаи роҳбар сар фуровардан дигар роҳи начот надоштаро ҳабс кардан кори тамоман дигар. Бо аъзои Президиум маслиҳат карда, қарор додем, ки барои омўхтани «парвандаҳо» комиссия таъсис диҳем. Барои ин кор чӣ қадар саъю кўшиш лозим бошад ҳам, ичро кунем ва бояд фаҳмем, ки дарачаи айби ҳар кадоме аз даҳҳо ҳазор ҳабсшудагон чӣ гуна аст ва кӣ ба чӣ сазовор мебошад. Шўрои Олӣ ҳуқуқи авф кардан дорад. Мухлати ҳабси баъзеҳоро кўтоҳ кардем. Ба фочиаи ба сари халқи man омада, ки баъзан онро ба геносид шабоҳат медиҳанд, кӣ айбдор аст? Гдлян ва Иванов пайваста изҳор медоштанд, ки ҳаракати онҳо ба шахсони дуюмдарачаву сеюмдарача не, балки ба гунаҳкорону айбдорони асосӣ нигаронида шудааст. Бешубҳа, тафтишоти онҳо асосан ба роҳбарони ҷумҳурӣ нигаронида шуда буд, онҳо мехостанд аз тариқи ин мансабдорон то ба аъзои Бюрои сиёсӣ бароянд. Вале «фиристодаҳо»-и Маскав ҳар киро дар назар надошта бошанд, ба меҳвари тафтишот хоҳу нохоҳ бисёр кас ҷалб гардид. Яъне халқи қаторӣ, ки прокурорҳо дар сухан аз тақдири онҳо ғам мехўрданд, ҷонибдорӣ мекарданд, ба курсии ҷиноят шиноида мешуд. Ба моҳияти масъала дахл намекунам: дар ибтидо Ш. Рашидов саъй кард, ки ба гдлянчиён зиддият нишон диҳад, чизеро ҳимоя ва собит намояд, вале на ба тарзи қатъӣ. Роҳбари соҳибтачрибаву бонуфуз дар назди Марказ истодагарӣ карда наметавонист.

Дар ягон ҷойи дигар фишори Марказ ба иқтисодиёт чунин харобӣ наоварда буд, тавре ки ба дарачаи ҳаёти Ўзбекистон овард. Суханони тарғиботии: «Мамлакат ба «тиллои сафед» эҳтиёҷ дорад!», «Дўстони мо аз лагери сотсиалистӣ ба нахи пахта ниёзманд мебошанд», борҳо такрор мешуданд, мачбур мекарданд, ки заминҳои нав аз ҳуд карда шаванд, оби рўдҳои Ому ва Сир, ки ба баҳри Арал мерехтанд, ба таври вахшиёна исроф шаванд, мардум мачбуран ба кор ҷалб карда шавад, норасоии қувваи корӣ аз ҳисоби донишҷўёну мактаббачагон пур гардад.

– Ҷумҳуриро нафақат «кори пахта», балки мусибатҳои дигар низ ба ларза оварданд, чунончи он замон ба дўши мо воқеаҳои Фарғона низ бор гардид.

– Дар бораи муносибатҳои тезутунди байнимиллӣ низ чанд сухан мегўям. Соли 1989. Ҳафтаи дуюми ҷамъомади анҷумани якуми депутатҳои халқии ИҶШС идома дошт. Бегоҳии 3 июн дар меҳмонхона яке аз зангҳои дар ҳаёти man мудҳиштарин садо дод. Аз Фарғона хабар доданд, ки дар деҳкадаҳои Тошлоқ, Комсомол, Марғилон фочиа рух додааст, турҳои месхетиро саркўб мекунанд. Як гурўҳи муташаккилҳо ҷавонон ба хонаҳо дохил шуда, ғорат менамоянд, соҳибони онҳоро ваҳшиёна мекушанд, биноҳоро оташ мезананд.

Худи ҳамон шаб депутатҳои халқӣ, раиси Шўрои Вазирони ҷумҳурӣ Ғ.Қодиров ва котиби аввали кумитаи ҳизбии вилояти Фарғона Ш. Юлдошев, ки дар Маскав буданд, ба Ўзбекистон парвоз карданд. Ғ. Қодиров сарвари комиссияи ҳукуматии ҷумҳурӣ таъин гардид.

Пагоҳӣ дар анҷуман шўру ҳаячон ба миён омад: дар Ўзбекистон чӣ ҳодиса рўй медиҳад? Горбачёв ба man муроҷиат карда пурсид: «Дар бораи он воқеаҳо чӣ гуфта метавонӣ?», вале man ҳанўз аз аъзои комиссия маълумоти дақиқ надоштам. Аз ин хусус аз ҷойи нишастам, ба минбар набаромада, хабар додам. Илова кардам, ки бинобар маълумоти man, ба бетартибиҳо талоши ҷиддӣ дар бозор сабаб шудааст: турки месхетӣ савдогарзани ўзбекро ҳақорат кардааст, ба сўйи ў табақчаи қулфинойро ҳаво додааст. Як гурўҳ ўзбекҳои атроф ба ҳимояи зан шитобидаанд. Талош ба дарачаи ҷанги хунӣ расида, дар оқибати он ҷавони маҳаллӣ ҳалок шудааст. Баъдан маро барои ин суханонам танқид карданд! Бо он айбдор намуданд, ки миқёси воқеаҳои содиршударо намедонам. Барҳакс man медонистам: медонистам, ки дар қалби одамон бояд чӣ қадар ҳисси бадбинӣ бошад, ки як зиддияти маишӣ ба зиддияти азим табдил ёбад! Бо вучуди ин намехостам изҳороти пешакӣ диҳам. Зеро дар Ўзбекистон низ телевизор тамошо мекарданд. Як сухани нобаҷои роҳбари ҷумҳурӣ метавонист барои сар задани хурўҷи сахти минбаъда оташак бошад. Чун ҳоло сухан аз он рафт, мехоҳам бигўям: бояд тафриқаи байни мафҳумҳои «баҳона» (ки худ аз худ метавонад сабабгори ногаҳонии фочиа бошад) ва «сабаб»-ро, ки бинобар дақиқиаш наметавонад ногаҳонӣ бошад, идрок кард. Он замон man дар бораи асли воқеаҳо нахостам ҳақиқатро гўям. Фақат зикр намудам, ки «Комиссия ба ҷойи воқеа рафтааст. Хулосаҳои ҳамачонибаи онро ба шумо мегўем». Баъд аз як рўз бо вазири корҳои дохилии ИҶШС В. Бакатин man ба Фарғона рафтам. Дар арафаи сафар бо Ғ. Қодиров суҳбат кардам. То ин дам ба ҷумҳурӣ шуъбаи қўшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии ИҶШС сафарбар гардида, аз соати нўҳи бегоҳии 4 июн вақти комендантӣ ҷорӣ карда шуд. Ғайрат Қодиров гуфт, ки вазъият қисман таҳти назорат қарор дорад.

Ҳангоме ки мо ба Вадим Бакатин аз ноҳияҳои зарардида боздид ба амал меовардем, бо мошини боркашоне рў ба рў шудем, ки дар он ҷавонон буданд, дар даст чўб, оҳан ва шишаҳои пур аз омехтаи оташгиранда доштанд. Ин дар ҳоле ки дар қитъаҳои хавфноктарин ҷанговарони қўшунҳои дохилӣ меистоданд. Муҳофизони моро дида, ронандагони мошинҳои боркашон бозистоданд, ҷавонони савор аз мошин худро партофта, ба чор сў парешон шуданд.

Дар роҳ мо бо В. Бакатин маслиҳат карда, ба хулосае омадем, ки бояд қувваҳои Вазорати корҳои дохилӣ бештар карда шавад. Бо хоҳиши ҷумҳурӣ миқдори қўшунҳо то ба 13000 нафар расонида шуд. Барои он ки туркҳои месхетӣ аз ниқор ҳимоя карда шаванд, мо ба тартиби таъҷилӣ дар ноҳияи Ашти вилояти Ленинободи Тоҷикистон лагерҳо созмон додем. Ба он ҷо кашондани одамон оғоз ёфт, хаймаҳо зада, пухтани таом ба роҳ монда шуд, бошишгоҳи муваққатӣ таҳти муҳофизати пурзўр қарор гирифт. Man барои як рўз ба Маскав парвоз кардам, то ки саъю кўшишҳои минбаъдаро бо М. Горбачёв маслиҳат кунам.

Дар ин ҷо бояд тавзеҳ диҳам, ки туркҳои месхетӣ чӣ тавр сокини Ўзбекистон шуданд. Маълум аст, ки соли 1944, ҳангоми ҷанг бо баҳонаи таъмин соҳтани амнияти сарҳадҳои шўравӣ беш аз 100 ҳазор нафар туркҳои месхетӣ, ки дар ноҳияҳои сарҳадии Гурҷистон бо Туркия зисту зиндагӣ мекарданд, мачбуран ба Ўзбекистон кўчонида шуданд. Ногуфта намонад, ки аз ҳар кадоми онҳо дар бораи он ки гўё ихтиёран кўчидаанд, забонхат гирифта шуда буд. Дар тўли даҳсолаҳо мурочиати онҳо ба роҳбарияти Иттиҳоди собиқ оид ба бозгардондан ба Ватан беҷавоб мемонд. Роҳбарият аз ҳаллу фасли сиёсии ин масъалаи ҷиддӣ канорачўйӣ мекард. Туркҳои месхетӣ, ки бо нишондоди Маскав мачбур буданд дар Ўзбекистон зисту зиндагӣ кунанд, барои озодии ҳуд ба ҳама чиз тайёр буданд. Барои ҳал кардани ин масъалаи талошӣ қувваҳои вайронкоре, ки дар солҳои «бозсозӣ» ба миён омада буданд, низ дахл карданд. Дар натиҷа воқеае, ки бо табақчаи қулфиной дар бозори Фарғона ибтидо гирифт, ҷангу талошҳои туркҳои месхетӣ бо ҷавонони ўзбек дар пивохонаи Қувасой ва саркўбиҳо дар Паркёт рух доданд. Ба ҳамааш тоқат кардан мумкин буд, вале паҳн шудани хабар дар бораи таҷовуз ба номуси ўзбекзан аз ҷониби туркҳои месхетӣ косаи сабри мардумро лабрез кард. Ин исёнҳо дар Фарғона, Кўқанд ва Қувасой боиси оқибатҳои даҳшатовар гардиданд. Дар натиҷа хунрезӣ ба амал омад. Роҳбарияти Гурҷистон масъалаи ба Ватани ҳуд баргардондани туркҳои месхетиро ҳатто шунидан намехост. Бинобар ин бо қарори ҳукумати шўравӣ туркҳои месхетӣ аз Ўзбекистон ба Нечерноземеи Русия кўчонида шуданд.

Ба Фарғона man, дубора бо раиси Шўрои Вазирони ИҶШС Н. Рижков омадам. Зарур буд, ки пеши роҳи бетартибиҳо гирифта шавад. Он замон кўчондани туркҳои месхетӣ ба ману Николай Рижков ягона роҳи дурусти ҳаллу фасли масъала намуд.

Ифтихор мекунам, ки соли 1991, ҳангоми кор дар Шўрои Олии ИҶШС бобати омода намудани Қонун «Дар бораи сафед кардани халқҳои таъқибшуда», ки ин кўчонидани иҷбориро «дар сатҳи давлатӣ сиёсати нодуруст ва геносид» эътироф кард, бевосита иштирок доштам.

– Шумо дар бораи сиёсати кунунии хориҷии Ўзбекистон чӣ гуфта метавонед?

– Ҳамчун сиёсатмадори солдида мегўям, ки: мавқеи ҳолоинаи мамлакат дар корҳои байналхалқӣ ба man маъқул аст. Ўзбекистон барои олам боз гардид ва муносибати дўстонаву ҳамкориро бо тамоми кишварҳое, ки аз ин яксон манфиатдор мебошанд, татбиқ менамояд. Ўзбекистон ба блокҳои ҳарбӣ зид аст, омода мебошад дар кори иттиҳодияҳои бунёдкори чӣ минтақавӣ ва чӣ миқёси ҷаҳонӣ иштирок кунад. Ҳамчун сиёсатмадори тачрибадор мегўям, ки ин барои муқаррар кардани муҳити воқеан дўстона ва ҳусни тафоҳум, ба хусус бо кишварҳои ҳамҷавор, хеле муҳим мебошад.

– Ҳарчанд аз чун шумо шахси бузургсол пурсидани ин чандон бамаврид нест, мехостем донем, ки ҳоло бо чӣ кор машғул мебошед?

– Алҳол man хонандаи ашаддии хотираҳо, ба хусус ёддоштҳои дўстони қарини ҳуд, дипломатҳо ва сиёсатмадорони машҳур мебошам. Бидуни шак, вақт бетаъсир намегузарад. Вале бовар кунед, man аз синни 80 гузашта бошам ҳам, бисёр таклифҳои корӣ мегирифтам. Бинобар эътиқоди man, агар инсон саломат бошад, ақли худро «истифода» бурда тавонад, пешпо додани ў душвор аст. Ин сифатест, ки man онро дар одамон хеле қадр мекунам, бисёр саъй намудам, ки ин хусусиятҳоро дар фарзандони ҳуд тарбия намоям, ба набераҳо, ки шаш нафаранду калониҳошон аллакай мустақил мебошанд, ҳамчунин абераҳо, ки низ шаш нафар мебошанд, талқин мекунам. Ҳангоме ки насли ҷавони оила ҷамъ меоянд, яке аз онҳо, албатта чунин таклиф мегузорад: «Биёед, наворҳои бобоямонро тамошо мекунем». Дар хонаи мо бойгонии ғанӣ ва бисёрсолаи видеоӣ ҳаст. Онҳо аз тамошои ин бойгониҳо хеле завқ мебаранд!

– Мо мехостем фикру ақидаи шуморо дар бораи муносибатҳои дўстии халқҳо ва манфиатҳои миллӣ донем.

– Ҳам дўстии халқҳо ва ҳам манфиатҳои миллӣ мафҳумҳои басо мучаз, нозук ва муҳим мебошанд. Онҳоро бояд эҳтиёт кард ва ҳифз намуд. Ин, фикр мекунам, кори муқаддас мебошад. Муаммо дар он аст, ки мо дар даврони шўравӣ бештар ба дўстии халқҳо эътибор додем, манфиатҳои миллии халқҳо бошанд, қадре фаромўш шуданд. Албатта, ҳамаи ин зарур аст, вале набояд яке ба дигаре муқобил гузошта шавад. Онҳоро як хел эҳтиёт кардан ва бевосита ба ҳаёт татбиқ намудан лозим. Солҳои охир муҳит дар тамоми Осиёи Марказӣ хеле беҳтар шуд. Man мехостам бигўям, ки ҳаво соф, нафаскашӣ осон гардид. Муносибатҳои дўстонаву некҳамсоягӣ барқарор мешаванд ва хеле беҳтар мегарданд. Ин ҳатман ба кори неку мубораки оянда хидмат хоҳад кард.

То ҳол бисёриҳо бо эҳтиром, мехостам бигўям, бо ҳасади нек дар бораи рўҳи байналмилалии Ўзбекистони он замон гап мезананд. Дар ибтидои солҳои 2000-ум мо низ Хазинаи байналхалқии байнимиллиро созмон додем. Мақсади мо бо кўмаки тоҷирони машхури хориҷӣ ҳарчи бештар фоида овардан ба кишварҳои собиқи шўравӣ буд. Man ба тоҷир-соҳибкори машҳур Алишер Усмонов телефон кардам. Мо барои кишварҳои зиёд, ғайр аз Ватани худамон, корҳои бисёрero анҷом додем. Монеаҳое, ки он замон мавҷуд буданд, ба мо имкон намедоданд, ки корҳои андешидаи худро татбиқ намоем. Ҳатто барои сохтмони иншооти хурд низ даҳҳо муоҳида ва тавсияҳо лозим буданд, вагонҳо мохҳо дар анборҳои гумрук нигоҳ дошта мешуданд, ба мо мавҷуд набудани конвертатсия халал мерасонид. Президент Шавкат Мирзиёев тамоми ин масъалаҳо, пеш аз ҳама, мушкилоти конвертатсияро дар муҳлати хеле кўтоҳ ҳаллу фасл кард. Алҳол ҳатто дар шуъбаи дурдасттарини бонк низ метавон ҳар қадар маблағро конвертатсия кард.

Медонед, бо вучуди синну соли ҳуд, аз корҳое, ки дар мамлакат содир мешаванд, хуб хабардор ҳастам. Технологияи замонавӣ ба ин имкон медиҳад. Фикр мекунам, боз як дастоварди Президент Шавкат Мирзиёев ин решакан кардани меҳнати мачбурӣ мебошад. Хурсандиовар аст, ки дар мавсими имсола барои ҷамъоварии пахта аз берун қувваи корӣ ҷалб карда нашуд. Вобаста ба ин man солҳои 60-уми асри гузаштаро ба хотир меоварам. Он замон саъю кўшиш бобати барои хонандагони мактабҳо ва донишҷўён аз моҳи октябр оғоз намудани маъракаи ҷамъоварии пахта ва маҳдуд шудан ба як моҳ дастгирӣ нашуда буд. Man умедворам, ки минбаъд ҳамеша чунин мешавад, илм, техника, технология васеъ ҷорӣ мегардад, пахтакор ҳосили худро худаш ҷамъ меоварад.

– Пас, масъалаи ба бачагон аз кўдакӣ тарбия намудани эҳсоси меҳнатдўстиро чӣ гуна метавон ба роҳ монд?

– Оё man ба ин муқобилам? Худам аз кўдакӣ то замони ба фаъолияти ҷамъиятӣ ҷалб шудан дар саҳро будам. Агар ин ҷараён бо падару модар, калонсолони оила дар қитъаи назди ҳавлӣ ё ҳуд хочагии фермерӣ ба роҳ монда шавад, хеле хуб аст. Муҳим он аст, ки меҳнат мачбурӣ набошад ва ба таҳсил зарар нарасонад. Ҷавонон бояд хонанд. Ин хеле муҳим мебошад, бинобар ин мегўям, ки самти пазируфтаи рушди иқтисодиёт дуруст мебошад.

Дар сиёсати Президенти Ўзбекистон барои man пешниҳоди озодӣ ба расонаҳои ахбори оммавӣ хеле маъқул аст. Дар замони кор мо аз ин хусус фақат орзу мекардем. Алҳол, ба фикри man, ҳукумат танҳо як талаб дорад, фақат танқид накун, балки роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти мавчударо нишон деҳ, қонунгузориро халалдор накун, ҳарифи худро эҳтиром намо, ҳақиқатро навис. Яъне самти стратегии роҳбари Ўзбекистон дуруст аст, халқ ўро дастгирӣ менамояд ва man фикр мекунам, Ўзбекистон ба комёбиҳои бузург ноил хоҳад шуд.

– Рафиқ Нишонович, барои суҳбати ошкоро, пурмуҳтаво ва ҷавобҳои дақиқу аҷибатон ташаккур.

Мусоҳибон
Ирисмат АБДУХОЛИҚОВ,
Раҳимҷон СУЛТОНОВ.
ЎзА.

***Муносибат ба таби

Машъалони маориф

...ЗИНДАГИРО ОРЗУ ШИРИН НАМУД

Толиби илм баробари ба даргоҳи илму маърифат қадам ранҷа намудан аввалин сабақро аз устоди худ меомӯзад. Устод ҳамеша барояш аввалин қаҳрамони зиндагӣ ва мояи ифтихору болидарӯҳии ӯст.

Сӯҳробҷон Муродов яке аз омӯзгоронест, ки шоҳроҳи ҳаётро тай намуда, ба муроди дил расидааст. Вай собиқаи кории зиёда аз бистсолаи омӯзгорӣ дорад, бо вуҷуди ин пайваста машғули омӯзиши илму маърифат ва такмили касби худ мебошад. Вай дар байни кормандони соҳаи таълими халқи ноҳияи Сӯх ҳамчун яке аз омӯзгорони хушсалиқаи дабистони рақами дувум шинохта шудааст.

Сӯҳробҷон дар оилаи омӯзгорон ба дунё омадааст. Ӯ санъату адабиётро хеле дӯст медорад. Аз ҷавонӣ то кунун машқи шеъру суруд мекунад. Баъди ба камол расидан, касби волидони худро интихоб кард. Волидони ӯ низ соҳаи дароз ба насли наврас таълиму тарбия додаанд ва дар зиндагӣ мақоми волоро соҳиб гаштаанд. Тақдири худро ба ана ҳамин касби пуршараф ва бомашаққат бахшидааанд.

Сӯҳробҷон то соли 1995 дар мактаби деҳаи худ аз устодонаш таълиму тарбия гирифтааст ва мактабро бо баҳоҳои аъло хатм намуда, худи ҳамон сол барои хондан ба омӯзишгоҳи омӯзгории Косонсой рафтааст. Соли 1997 омӯзишгоҳро бомуваффақият хатм намуда, ҳамон сол фаъолияти кории худро дар мактаби деҳааш Янгиариқ, ки он ҷо таълим гирифтааст, оғоз кардааст. Инак, зиёда аз 20 сол аст, ки ӯ дар ҳамин даргоҳ ба тарбияи насли наврас машғул мебошад.

Ӯ яке аз муаллимони фаъол ва пешқадам буда, шабу рӯз пайваста эҷод мекунад. Баробари касби муаллимӣ тавассути овози форамаш дили ҳар як шунавандаро ром месозад. Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст, мегӯянд дар урфият. Сӯҳробҷон Муродов ҳамчун омӯзгори эҷодкор ба қалби кӯдакон роҳ ёфта тавонистааст.

Шогирдони ӯ, аллакай, дар ҷабҳаҳои гуногуни зиндагӣ мавқеи худро пайдо кардааанд. Хислатҳои ҷавонмардӣ, ростқавлию росткорӣ обрӯ ва эътибори ӯро боз ҳам афзудааанд. Ҳамеша барои дасти ёрӣ дароз намудан тайёр асту кӯмаки хешро аз дӯстону шогирдон дареғ намедорад. Дар чорабиниҳои гуногуни маънавӣ-маърифатии мактаб ва ноҳия фаъолона ширкат меварзад. Чанд маротиба дар толори хонаи маданияти ноҳия барномаҳои консертии ӯ рӯи саҳнаро дидааанд, ки боиси эътироф гаштааст.

– Ман бо нони пурмашаққати муаллимӣ калон шудаам. Аз ин ҷост, ки консерти аввалини ман ба омӯзгорон бахшида шуд, – мегӯяд бо ифтихор ҳамсуҳбати мо.

Сӯҳробҷон Муродов соҳиби 4 фарзанду як набера мебошад. Ҳанӯз дар дил орзу мекард, ки соҳиби маълумоти олӣ гардад. Ҳоло дар курси 4-уми шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Фарғона таҳсил мегирад.

Соли 2020 барои тамоми мардуми олам соли пурмашаққат буд, вале барои Сӯҳробҷон ва оилаи ӯ ҳамчун соли накӯ ва фаромӯшнашаванда ёд мешавад. Фарзанди ӯ Сулаймонҷон ба бахти донишҷӯӣ муяссар шуд ва зану шавҳар аз ин муваффақияти фарзандашон хеле хушҳол шуданд. Сулаймонҷон соли гузашта барои хатми мактаби миёна, мактаби мусиқӣ ва санъати рақами 30-юми ноҳияро бо баҳоҳои аъло ба итмом расонд.

Дар худи ноҳияи Сӯх гузаронидани имтиҳонҳои қабул ба дили Сулаймонҷон як навъ қувват бахшид. Ӯ ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи санъат ва мусиқии Донишкадаи давлатии омӯзгории Қӯқанд супорид. Ӯ дар давоми 6 соли омӯзиши илму дониш ва ҳунар ҳамаро дар ҳайрат гузошт ва дар имтиҳонҳои дохилшавӣ 145,7 хол ба даст даровард ва дар асоси гранти давлатӣ ба сафи донишҷӯён пазируфта шуд.

– Ин дастовардҳои писарам орзуи деринаи моро рӯи об баровард. Вай аз меваҳои аввалини Мактаби мусиқӣ ва санъати рақами 30-юми ноҳия мебошад, – гуфт бо қаноатмандӣ Сӯҳробҷон Муродов.

Хеле аҷиб аст, ки падару писар дар як давру замон даврони донишҷӯиро паси сар мекунанд. Сӯҳробҷон ҳамеша дар андешаи таъмини рӯзгор ва меҳнати ҳалол мебошад ва дидани роҳату фароғати фарзандонашро дар сар мепарварад.

– Сулаймонҷон низ дар дил орзу дошт, ки мисли ман омӯзгор шавад ва ҳам аз паи санъат равад, дар ҳарду ҷабҳа қуллаҳои баландро забт намояд, ба устодони худ шогирди муносиб гардад, – изҳор кард Сӯҳробҷон Муродов.

Санҷар ИСМОИЛЗОДА,
ноҳияи Сӯхи
вилояти Фарғона.

Дар Муроҷиатномаи Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев ба парлумон маҳаку моҳияти вазифаҳои асосии маҳалла ва дастандаркорони он мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифт.

Маҳалла маскани маърифат ва осоиши мардум

Президент баробари номбар кардани масъалаҳои муҳими марбут ба ҳаёти маҳалла боз ваъда дод, ки раисони ташаббускор ва ҷонсӯзи маҳаллаҳо дастгирӣ карда мешавад ва мумкин аст онҳо ба вазифаи ҳокимии ноҳия таъин гарданд.

Дарвоқеъ, маҳалла даргоҳест, ки шаҳрвандон барои ҳалли осони мушкилиҳои худ аввало аз он наҷот мечӯянд. Дастандаркорони маҳаллаҳоро лозим меояд, ки ба ҳар як корафтода бо мулоимӣ муносибат кунанд.

Бо мақсади беҳ гардондани шароити кории ходимон дар марказҳои ноҳия ва маҳаллаҳо марказҳои маҳалла ифтитоҳ ёфтанд. Корҳо дар ин ҷода идома доранд.

Дар шаҳри Ҷиззах бинои нави садорати маҳалла ва дастгирии оила ба истифода супорида шуд.

Дар бинои нав толори конфронсҳо, хонаҳо барои қабули шаҳрвандон, адабиёт, ҷойи бозии бачаҳои хурдсол ва ғайра мавҷуданд. Инчунин ин ҷо харитаи самтҳои асосии фаъолияти ходимон дарҷ ёфтааст. Ходимони масъул барои корҳои профилактикии маҳаллаҳо, муаммоҳои ҷавонон, бонувон дар хидматанд. Барои омӯхтан ва ҳал намудани мушкилиҳои ҳаёти бонувони се ноҳияи дурдаст – Зомин, Бахмал ва Фориш барномаҳо ба тасвиб расидааанд.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти �Ҷиззах.

ВОХӮРӢ БО РЕКТОР

Ба қарибӣ вохӯрии муҳассилини техникуми юридикии Намангон бо ректори Донишгоҳи юридикии Тошканд Раҳимҷон Ҳакимов баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ ректор ба муҳассилини техникум, ки дар оянда касби ҳуқуқшинос шуданро ихтиёр кардааанд, дар ин соҳа барои соҳиби дониши баланд шудан бештар адабиётҳои ҳуқуқшиносиро мутоила кардан-ро таъкид кард. Инчунин талабагоне, ки техникумро бо баҳои аъло ба итмом мерасонанд, аз рӯйи суҳбат ба донишгоҳ қабул шуданро баён кард, ки ин муҳассилини техникумро рӯҳбаланд кард.

– Вохӯрӣ бо ректор барои мо ҳуқуқшиносони оянда ба касбамон меҳрамонро дучанд кард. Мо кӯшиш мекунем дар оянда ҳуқуқшиносони соҳибихтисос бошем, чунин вохӯриҳо зуд-зуд ба роҳ монда шавад, – гуфт талабаи техникум Ҳусайн Турғунбоев.

Чунин вохӯрии роҳбари Донишгоҳи юридикии Тошканд бо профессорон, омӯзгорон ва донишҷӯёни факултаи юридикии Донишгоҳи давлатии Намангон низ барпо гардид.

А.МУРОДОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти НАМАНГОН.

14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан

БАРОИ ҶОМИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТ

Дар вилояти Намангон ба муносибати 14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан дар чаҳорчӯбаи моҳонаи ҳарбию ватанпарварӣ тадбирҳои гуногун баргузор мегарданд.

Чанде пеш бо ташаббуси Шӯрои созмони «Ватанпарвар»-и вилояти Намангон, Шӯрои марказии ташкилоти кӯмакрасонии «Ватанпарвар»-и Ӯзбекистон, мусобиқаи мототсиклронӣ барои ҷоми ҳокими вилоят шуда гузашт. Дар мусобиқа 70 нафар мототсиклронони ҷавон иштирок карданд. Ҷойи якумро ба ҳисоби умумҷамоавӣ мототсиклронони ноҳияи Норин ба даст оварданд. Ҷойҳои дувум ва савумро варзишгарони ноҳияҳои Мингбулоқ ва Уйчӣ соҳиб шуданд.

Дар чаҳорчӯбаи моҳона бо иштироки роҳбарони секторҳо, садорат ва корхонаҳои вилоят оид ба тирандозӣ чемпионати вилоят баргузор шуд.

Дар деҳаи Нанайи ноҳияи Янгиқӯрғон корвони автомобилҳо ва намоиши техникаи варзишӣ ба амал омад. Умед аст, ки наврасони дар ин тадбирҳо иштирок карда дар оянда муҳофизони воқеӣ ва диловари Ватан мешаванд.

А.МУРОДОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти НАМАНГОН.

АРМУҒОН БА ИД

Дар ноҳияи Яшнобод маҳаллаи нав бунёд гардид

Дар шафати истгоҳи метрои «Дӯстлик»-и Тошканд маҳаллаи нави дорои ҳафт хонаи бисёрошёна бунёд ёфт. Дар арафаи 29-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва 14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан ҳуҷраҳои наве, ки барои 350 оила пешбинӣ шудааанд, ба тарзи тантанавӣ ба соҳибонашон супурда шуданд.

Биноҳои наве, ки аз ҷониби ширкати бинокории «Шаҳарқурилишинвест» барпо карда шуданд, ба ҷашни хидматчиёни ҳарбие, ки ҳаёти худро ба ин касби пуршараф, ҳимояи Ватан бахшидаанд, армуғони шоиста гардид.

Дар маросими супурдани калиди хонаҳои нав ба хидматчиёни ҳарбӣ фармондеҳи округи ҳарбии Тошканд, полковник Зокирҷон Сайфуддинов, муовини аввали ҳокими шаҳри Тошканд Даврон Ҳидоятов, ҳокими ноҳияи Яшнобод Бахтиёр Раҳмонқулов, намояндагони Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, аъзои Шӯрои ҷамоатии назди Вазорати мудофиа иштирок карданд. Нотиқони дар чорабинӣ ба сухан баромада хидматчиёни ҳарбӣ ва оилаҳои онҳоро бо ин воқеаи хотирмон муборакбод намуданд. Роҳбари ширкати «Шаҳарқурилишинвест» Элёр Ризоев ба намояндаи хидматчиёни ҳарбӣ калиди рамзии маҳаллаи навро супурд.

Баъд аз ин, иштирокдорони чорабинӣ аз хонаҳои сержанти дараҷаи II Шерзод Менглиев ва сержанти хурд Ҷамшед Худойназаров боздид ба амал оварда, дар сари як пиёла чой суҳбат карданд. Ба муносибати кӯч ба ҳуҷраҳои нав ба соҳибони онҳо аз ҷониби ташкилотчиёни чорабинӣ тухфаҳои гаронбаҳо супурда шуданд.

Дар хонаи сеҳуҷрагии масоҳаташ 96 метри мураббаъ барои зисту зиндагии хидматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаҳои онҳо тамоми шароит мавҷуд аст. Ҳуҷраҳои бачагона барои хониш, истироҳати кӯдакон муҷаҳҳаз шудааанд, ошхона ҷавобгӯйи талаботи замон мебошад.

– Имрӯз барои оилаи мо фаромӯшношуданист. Шавҳари ман 18 сол боз дар соҳаи ҳарбӣ кор мекунад. Оқибат мо ҳам соҳиби манзили худӣ шудем. Минбаъд аз як ҳуҷра ба ҳуҷраи дигар намекӯчем. Бо ҳамсарам 12 сол муқаддам дар госпитали ҳарбӣ шинос шуда, оилаи хушбахт барпо кардем. Тавре ки мебинед, писари 6 солаи мо Бобуршоҳ ва духтари 5-солаамон Садафхон аз ин туҳфа бағоят хушнуданд. Ба роҳбарияти кишварамон барои эътибор ва ғамхориаш миннатдории амиқ изҳор мекунам. Мо бовар дорем, ки хонаи нав ҳаётамонро аз хушиву хурсандӣ ва бахту саодат лабрез мекунад, – гуфт Дилфуза Абдуллоева ҳамсари сержанти дараҷаи II Шерзод Менглиев.

Асрор РӮЗИБОЕВ,
хабарнигори ӮзА.
Сурати ӮзА.

Сафар дар ватан

ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ ШАҲРИ НУР

Сайёҳон ва зиёратгарони дохилию берунӣ навъе ба Бухоро, Самарқанд, Хоразм, Шаҳрисабз барин шаҳрҳои қадимии мамлакатамон ҳусни таваҷҷӯҳ доранд, ба шаҳри Нурато, воқеъ дар вилояти Навоӣ, майл мекунанд. Аҳолии шаҳр чандон зиёд нест – ҳамагӣ 30 ҳазор нафар, вале даро-баро ҳамеша дар авҷ. Як пора табиати зебои 55 километр дуртар аз маркази маъмурии вилоят ҷойгиршударо «шаҳри нур» ё дурдонаи Шарқ мешуморанд, ки бесабаб нест. Фикр мекунем, Нурато воқеъ дар 524 метр баландтар аз сатҳи баҳр чун шаҳри муқаддас, таърихӣ ва тозаҷавон воқеан ба ҳар гуна таъриф ва суханони баланд арзанда аст. Баъзе қуллаҳо дар қаторкӯҳҳои Нурато бештар аз 2 ҳазор метр.

Масҷид дар бисёр ҷойҳо мавҷуд, вале ба Ҷумъа, Намозгоҳ барин масҷидҳои Нурато аҳолӣ бо чашми дигар менигарад. Диққати сайёҳонро низ ҷалб мекунанд ин ибодатгоҳҳо. Мақбараи Муҳаммад Нурато ва осорхонаи таърихӣ дар Нураторо, айни замон, ҳамеша серодам мебинед.

Вақте дар Нурато будем, маҷмӯи меъморӣ бо унвони «Чашмаи нур» эътиборамонро ба худ кашид. «Қалъаи нур», масҷиди гумбазноки «Панҷвақта», оромгоҳи Абулҳасани Нурӣ, чоҳи Нургулато, ҳуҷраҳои Мадраса, ки дар таркиби ин маҷмӯъанд, айни ҳол, маҷмӯи табиӣ-меъмории Нурато ба диққат сазовор.

Нурато мавзеи қадимӣ буда, дар ҷустуҷӯҳои академик Яҳё Ғуломов эътиборан аз давраи палеолит дар қисми шаҳристони атрофи чашмаи Нур умр ба сар бурдани аҷдоди мо баррасӣ шудааст.

Дар ин ҷо қабр ва қадамҷойҳои азизу авлиё хеле зиёд. Дар асрҳои IX-X иқомат кардани бузургвор бо номи Шайх Абулҳасани Нурӣ дар ин қаламрав ба ташаккул ёфтани топонимикаи шаҳр дар соҳили Чашмаи нур асос гардидааст.

Назар ба ҳикоятҳо, аз гунаи ҳазрати Абулҳасан нур мерехт, дили касе, ки аз суҳбати вай баҳра бардошт, равшан мегашт.

Дар чашмаи Нур низ хислат бисёр. Вақтҳои маълуми рӯз (тақрибан аз соати 7.00 то 10.00) ва фаслҳои маълуми сол (баҳор ва тобистон) дар буғи чашма мӯъҷизаи аҷиби табииро мушоҳида кардан мумкин: дар таҳи шуълаи заррин ва шаффофи офтоб аз об буғ не, гӯё нуре, ки ҳар гуна метобад, ба ҳаво мебарояд. Рангинкамони ба осмон баромадаистодаро мебинед мисле. Нурҳое, ки ҳаррангааанд, ба чашми бинанда нур, ба қалбаш равшанӣ мебахшанд.

Нури чун ханҷари ба гардун задашударо ба сурат мегиранд. Мӯъҷизотро аз наворҳо низ тамошо кардан мумкин. Олимон инро аз бисёрии микроэлементҳои таркиби оби чашма дониста ва ба реаксияи он нурҳо вобаста мешуморанд ин ҳолатро. Вале бисёриҳо гумон доранд дар ин ҷо мӯъҷиза ҳаст, дар рангорангии нур як сири илоҳист.

Дар асарҳои таърихнигорон чун Наршахӣ, Ҷувайнӣ, Истахрӣ ва ҳоказо Нурато бо номҳои «Нур» ва «Нури Бухоро» қаламдод шудааст. Навъе дар манбаъҳо зикр ёфта, Нуратои ҳозира ба таркиби давлати қадимии Суғд дохил мешудааст. Шаҳр ба истилои Искандари Зулқарнайн дучор гашт ва ба хароба табдил ёфт. Баъди ин ҷоро забт кардан (соли 329 то милодӣ) Искандар ба водии Сайҳун юриши худ давом намуд. Баъзе қабрҳои дар ин ҷо мавҷударо ба шахсони наздики сарлашкари мақдунӣ нисбат медиҳанд.

Тахмин карда мешавад, қалъаи Нурато, Девори Перосто ва харобаҳои қалъаи Пашшот ба асрҳои чаҳорум ва панҷуми милодӣ оиданд. Аз болотари Нурато як қисми Роҳи бузурги абрешим мегузашт, ки дар ин бора низ маълумотҳо мавҷуд.

Таърихнигор Абӯбакр Наршахӣ (899-959) дар «Таърихи Бухоро» ном асараш қайд кардааст: «Нур – ҷои калон. Дар он Масҷиди ҷомеъ мавҷуд. Дар ин мавзеъ работҳо зиёд. Одамҳо аз Бухоро ва ҷойҳои дигар ҳар сол ба ин ҷо баҳри зиёрат меоянд. Мегӯянд, касе, ки ба зиёрати Нур омад, ба фазилати ҳаҷ кардан соҳиб мешавад. Ин Нурро дар вилоятҳои дигар Нури Бухоро меноманд. Бисёре аз тобеинҳо дар ин ҷо дафн шудаанд».

Ҷуз аз Абулҳасани Нурӣ, ки зикр намудем, дар ин ҷо азизу авлиёи зиёд зиста ва вобаста ба номҳои мубораки Хоҷа Бурҳониддин Ҷариллоҳ, Аҳмад Замчӣ, Хоҷа Убайдуллоҳ, Нуриддин Қаттол, Боумар Нургулато, ҳазрати Шоҳимардон, Зангиато барин намояндагони барҷастаи олами ислом дар Нурато мақбара, зиёратгоҳу қадамҷойҳо мавҷуд. Шояд ин низ ба саҳифаҳои таърих чун шаҳри нур муҳрёбии маскани муборак сабаб шудааст.

Ҷуллобӣ ал-Ҳуҷвирӣ дар китобаш «Кашф-ул-маҳҳуб» навиштааст: «Қабри Бобо Хокии авлиё дар кӯҳи Нур мебошад».

Бале, азизу авлиёе, ки дар доманаҳои қаторкӯҳи Нурато ба хоби абад рафтаанд, хеле зиёд. Ин аст ҳар вақаб гӯшаи шаҳри Нур ё худ Нурато – гӯшаи муқаддас, зиёратгоҳи муборак.

Аснои юриши Хоразм як ҳафта дар Работи Малик нафас рост карда, аз оби Чашмаи нур нӯшида, қабри Шайх Абулҳасани Нуриро чӣ тавр тавоф сохтани Амир Темур дар «Зафарнома»-и Шарафиддин Алӣ Яздӣ қайд ёфтааст.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазорат ул-қудс» ном асараш номи Шайх Абулҳасанро зикр сохтааст. Шайхи бузург будани зикршударо Мирзо Улуғбек низ бо ихлос эътироф намудааст. Дар васфи Нуратои муҳтабар Бобораҳим Машраб ғазалҳо гуфта, аз пири маънавиаш Нур шафоат талабидааст. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: «Дар дунё ду нур мавҷуд: яке нури офтоб, дувум – чашмаи Нур», гуфта буд дар асри X.

Вақте Нураторо зиёрат мекардем, дар бораи шаҳри Нур ва чашмаи мӯъҷизаноки он ривояту гӯяҳои ҷолиб шунидем. Дар ҳар нақл ва ҳикоят муҳаббати бузурги халқ нисбати Нур ва чашмаи Нур мучассам.

Дар атрофи чашмаи Нур боз чашмаҳое мавҷуд вобаста бо номҳои Кӯчқорато, Бузургато, Фозилмонато, Чӯшато, Кӯптӯнлиато барин азизу авлиё. Мегӯянд, моҳиҳои ҳаррангае, ки дар чашмаи Нур шиноваранд, дар рӯзҳои муайяни ҳафта дар ин чашмаҳо пайдо мешаванд. Тавассути роҳҳои обии зеризаминӣ чӣ тавр равуосозии «маринка»-ҳои заррин низ як сири илоҳист. Нуратои куҳан ва таърихӣ дар рӯзҳои мо мавқеи пештараашро барқарор намуд. Ҳавои мусаффои ин маскан, табиати нотакрор, бунёдгариҳое, ки дар ин ҷо пеш бурда мешаванд, шароитҳое, ки ҳарҷониба мусоиданд, зиёратгар ва сайёҳонро ба худ мекашанд.

М. ШОДИЕВ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 1106, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.